ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

АКАДЕМИЯ

КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ,
КРИМИНОЛОГИЯ ВА ПСИХОЛОГИЯ

---

**ҲУСЕЙНЗОДА СИНО ҲОТАМӢ**
**АЗИМЗОДА НАЗИР БОЗОР**
**АВИЗОВА ШАҲНОЗА НЕЪМАТУЛЛОЕВНА**

# ҲУҚУҚУИ ҶИНОЯТӢ

## ҚИСМИ МАХСУС

## МАҶМӮАИ МАСЪАЛАҲО

(воситаи таълимӣ)

Зери таҳрири
*сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,*
*генерал-майори милитсия*
***Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ***

**Душанбе**
**«Графика-83»**
**2019**

ББК 58+51.1+67.5+67.52+67.99(2)8
Ҳ-94

***Ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст***

**Ҳусейнзода С.Ҳ., Азимзода Н.Б., Авизова Ш.Н.**
Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус. Маҷмӯаи масъалаҳо. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Графика-83», 2019. - 104 саҳ.

**Муаллифон: Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ** – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия;
**Азимзода Назир Бозор –** мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, д.и.ҳ., профессор;
**Авизова Шаҳноза Неъматуллоевна** – ассистенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муқарризон: Сафарзода Ҳ.С.** – сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ, подполковники милитсия.
**Хайров Ф.М.** – муовини сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ, подполковники милитсия.
**Искандаров** З. Ҳ. – профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва назорати прокурории ДМТ, д.и.ҳ.

Воситаи таълимии мазкур дар асоси барномаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми махсус) ва қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст. Он дар худ вазифаҳоро оид ба тамоми мавзӯъҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин номгӯи адабиётҳои истифодашударо оид ба ҳар як мавзӯъ дарбар мегирад, ки барои пешбурди дарсҳои амалӣ аз рӯи Қисми махсуси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ заруранд.

Воситаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ барои омӯзгорон, адъюнктон, аспирантон, шунавандагон, курсантон ва донишҷӯёне, ки бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ таҳсил менамоянд, тавсия карда мешавад.

ISBN 978-99975-303-4-7
© Ҳусейнзода С.Ҳ., Азимзода Н.Б., Авизова Ш.Н. 2019.

## М У Н Д А Р И Ҷ А


**САРСУХАН ........................................................ 4**

**Мавзӯи 1.** Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ .......... 6
**Мавзӯи 2.** Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва этибори шахсият ................................................ 23
**Мавзӯи 3.** Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ........................................ 27
**Мавзӯи 4.** Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсиони инсон ва шаҳрванд ................ 33
**Мавзӯи 5.** Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон..... 37
**Мавзӯи 6.** Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ..... 43
**Мавзӯи 7.** Ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ........ 47
**Мавзӯи 8.** Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт........................................ 51
**Мавзӯи 9.** Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист.................................................... 55
**Мавзӯи 10.** Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ .......................................................... 59
**Мавзӯи 11.** Ҷиноятҳо ба муқобили моликият .................... 63
**Мавзӯи 12.** Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ....... 70
**Мавзӯи 13.** Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ.... 75
**Мавзӯи 14.** Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳо сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ................. 78
**Мавзӯи 15.** Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ......................... 82
**Мавзӯи 16.** Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идора............ 86
**Мавзӯи 17.** Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ .............. 90
**Мавзӯи 18.** Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ............ 94
**Мавзӯи 19.** Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният ..................................................... 99

# САРСУХАН

Ҳуқуқи ҷиноятӣ дар байни дигар илмҳои ҳуқуқшиносӣ яке аз илмҳои замонавие мебошад, ки ба донишҷӯёни макотиби олии ҳуқуқшиносӣ таълим додашуда, барои пурра аз худ намудани касби ҳуқуқшиносӣ мусоидат менамояд. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун фанни таълимӣ ҳуқӯқшиносони ояндаро бо донишҳои зарурӣ мусаллаҳ намуда, онҳоро дар мубориза алайҳи ҷинояткорӣ тайёр менамояд. Аз ин рӯ, бояд донишҷӯён бо тамоми маводҳои таълимотии пешниҳодшуда шинос шуда, онҳоро аз худ намоянд ва ҳангоми фаъолияти касбӣ амалӣ намояд.

Воситаи пешниҳодшуда дар асоси барномаи таълимии фанни ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, ба донишҷӯён ҳангоми гузаронидани дарсҳои машғулияти амалӣ (семинарӣ, КМРО) ёрӣ мерасонад. Дар баробари ин, дастури мазкур маводҳои зарурии таълимӣ – китобҳои дарсӣ, тафсирҳои қонунгузорӣ ва лексияи устодонро иваз накарда, балки онҳоро пурра менамояд. Аз ин рӯ, донишҷӯён бояд бо истифода аз ин дастур маводҳои заруриро дастрас намуда, дар якҷоягӣ истифода намоянд.

Воситаи таълимии пешниҳодшуда дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст ва дар он оид ба ҳар як мавзӯи алоҳида номгӯи қонунҳои алоҳида, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Бартарии ин дастур дар он аст, ки муаллифон то қадри имкон кӯшиш намудаанд, то ки дар рӯйхати адабиётҳо оид ба ҳар як мавзӯъ дастовардҳои олимони Ватанӣ - монография ва мақолаҳои илмии онҳоро бо ҷойи нашр нишон доданд, ки аз як тараф донишҷӯёнро бо

дастовардони олимони тоҷик шинос намуда, аз тарафи дигар бо забони давлатӣ буда, барои аз худ намудан осон аст.

Донишҷӯ бояд оид ба ҳалли ҳар як вазифа бо диққат муносибат карда, афкори назариявии худро баён намояд. Барои ҳамин ҳам, ҳангоми тайёрӣ ба машғулиятҳои амалӣ донишҷӯ набояд танҳо бо китоби дарсӣ маҳдуд карда шавад, балки аз дигар адабиётҳои иловагие, ки дар номгӯи адабиётҳои ҳар як мавзӯъ алоҳида оварда шудаанд, истифода намояд. Чунин амал барои сайқал додани сатҳи дониши донишҷӯ манфиатбахш аст. Чи хеле ки таҷриба нишон медиҳад, яке аз усулҳои таъсирбахш оид ба гузаронидани машғулиятҳои таълимии амалӣ, ин ҳал намудани вазифа мемошад. Ин ба мустаҳкам намудани дониши назариявӣ мусоидат менамояд ва истифода бурдани малакаи донишҷӯро ҳангоми таҷриба сайқал медиҳад. Ҳалли вазифаҳое, ки дар воситаи таълимӣ оид ба ҳар як мавзӯъ муқаррар карда шудааст, қисми асосии бурдани дарсҳои семинарӣ ва КМРО ба ҳисоб мераванд. Вазифаҳо дар асоси ҷамъбасти таҷрибаҳои судие, ки дар маҷаллаю маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ чоп шудаанд, тартиб дода шудааст. Ҷавобҳо оид ба саволҳои гузошташуда бояд аниқ ва муфассал бошанд. Аз рӯи мавзӯъҳои мушахаси дастури методӣ, санадҳои ҳуқуқӣ ва адабиётҳои махсуси мувофиқгардонидашуда тавсия карда шудаанд.

# МАВЗӮИ №1. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ҲАЁТ ВА САЛОМАТӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон таҳти №21 аз 26.06.2009 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ»;
4. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2018.

**Адабиёт:**


1. Ҳусейнов С.Ҳ., Мирзоев С.Б., Муҳаммадиев Н.Б. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт. Душанбе: ЭР-раф, 2014, 170 с.
2. Ҳусейнзода С.Ҳ., Нажбудинов М.А., Ҳикматов Ҷ. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ. Душанбе: ЭР-раф, 2017, 370 с.
3. Семернова Н.К. Вопросы квалификации умышленных убийств. Свердловск, 1984.
4. Вермель И.Г. Судебно–медицинская экспертиза лечебной деятельности. Свердловск, 1988.
5. Право и психиатрия. М., 1991.
6. Бородин С.В. Ответственность за убийство: классификация и наказания по российскому праву. Москва, 1994.
7. Бородин С.В. Преступления против жизни. М., 2000.
8. Красиков А.Н. Преступления против личности. Саратов, 1999.
9. Антонян Ю.Н. Жестокость в нашей жизни. М., 1995.

10. Борисов В.И. Преступление против жизни и здоровья, Хорьков. 1995.
11. Шарипов Т.Ш. Оғози ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳаёти инсон // Қонуният. №1. 2009 С. 199-122.
12. Оид ба такмили қонун барои ҷавобгарӣ нисбат ба намудҳои таснифдиҳандаи одамкушӣ ва амалият татбиқи он // 10-соли амали КҶ ҶТ: натиҷа ва пешниҳод. Душанбе-2009. С.59-66.
13. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Гулов ва Эргашев, ки қаблан барои дуздӣ доғи судӣ доранд, дар ҳолати мастӣ ба дохили ошхона ворид гардида, якбора ба пешхизмати он халал расонида ӯро бо суханҳои қабеҳ таҳқир кардан гирифтанд. Дар ин ҳолат, Иброҳимов ва Солеҳов, ки он ҷой ҳузур доштанд, аз Гулов ва Эргашев хоҳиш намуданд, ки ором нишаста тартиботи ҷамъиятиро риоя намоянд. Дар ҷавоби ин, Гулов аз ҷой хеста Иброҳимовро лабу кӯб намуд. Эргашев бошад дар ин маврид Солеҳовро аз пас бо корд ба миёнаш зада ӯро ба қатл расонид.

**Савол**:

Ҳаракатҳои Гулов ва Эргашевро бандубаст намоед?

**Вазифаи №2.**

Саидова зани пиронсоли танҳо аз бемории муолиҷанашавандаи (саратони хун) худ огоҳ шуда, барои азобу уқубат накашиданаш аз шиноси худ, ки дар беморхона ба ҳайси ҳамшираи шавқат кор мекард, хоҳиш намуд, ки ягон дору ё сӯзандоруеро оварда ба вай гузаронад, то ин ки ӯ бедарду бе азоб аз дунё чашм пӯшад. Ҳамшираи шавқат бошад аз рӯи дилсӯзӣ хоҳиши Саидоваро ба ҷо оварда сӯзандории марговарро ба бадани

Саидова дохил кард ва Саидова бо тезӣ аз дунё чашм пӯшид.

**Савол:**

1. Ҳаракатҳои ҳамшираи шавқатро бандубаст намоед?
2. Эвтаназия чист?
3. Оё барои эвтаназия ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №3.**

Кабутов дар ҳолати мастӣ бо завҷаи худ ҷанҷол карда ӯро барои нокомиҳои худ гунаҳгор донист. Ҳангоми ҷанҷол, Кабутов кордро гирифта завҷаи худро кушт. Дар ин ҳолат, хушдомани Кабутов, ки аз рафти ҳодиса бохабар шуд, мехост ба мақомоти милитсия хабар диҳад, аммо барои ин корро ба анҷом нарасониданаш, ӯро низ бо корд зада ба қатл расонид.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Кабутов чӣ тавр бандубаст карда мешавад?

**Вазифаи №4.**

Лилов завҷаашро дар хиёнат ба шавҳар шубҳа мекунад. Барои муайян кардани шубҳааш, ба завҷааш хабар дод, ки ба муҳлати якчанд рӯз ба рухсатии меҳнатӣ меравад, ҳол он, ки ба ҳеҷ ҷо нарафта буд. Бегоҳӣ, ними шаб ба хонааш омад. Пешакӣ амин шуд, ки завҷааш дар ҷойгаҳи хобаш бо Саламов буд. Дар чунин ҳолат, Лилов аз анбор табарро гирифта ба хонааш бо қасди ягона, яъне ҳам куштани завҷааш ва ҳам куштани Саламов даромад. Дар он ҷой завҷаашро аз ҳаёт маҳрум сохт. Саламов бошад аз ҳамлаи табар гурехта ба кӯча меравад. Лилов аз ҷойи ҳодиса ба ҷангал гурехта, якчанд рӯз пинҳон шуда шабе роҳи Саламовро интизор

шуда бо оҳани дар дастбудааш ӯро зада аз ҳаёт маҳрум месозад.

**Савол:**

Кирдори Лиловро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Ҳангоми тафтиши сабабҳои сӯхтор дар анбори корхонаи давлатӣ, Исоева, ки дар он ҷо кор мекард ба кормандони ШВКД арз намуд, ки коргари дигар Паллаевро дидаст, ки он ҷой сигор мекашид. Паллаев бошад дар вақти пурсиш чунин маълумотро рад карда аз Исоева сахт хафа шуд. Баъди чанд рӯз, Паллаев бо худ оҳанеро гирифта ба хонаи Исоева омад ва чанд маротиба бо оҳан ба сари Исоева зарба зад. Аз зарбаи Паллаев шаҳрванд Исоева дар ҷояш вафот намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Паллаевро бандубаст намоед?

**Вазифаи №6.**

Баротов аз рӯи рашк завҷаашро аз ҳаёт маҳрум намуд. Баъди ду моҳ Баротов дар кӯча ҳамсояи худро дида барои он, ки ҳамсояаш дар ШВКД дар борai ӯ хабар надиҳад, ӯро низ ба қатл расонид.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Баротовро бандубаст намоед?

**Вазифаи №7.**

Зубайдов бо завҷаи худ ҷанҷол карда арз намуд, ки дигар намехоҳад бо ӯ зиндагонӣ кунад ва завҷаашро, ки 8 моҳа ҳомиладор буд, аз хонааш ронд. Баъди 2 рӯз завҷаи Зубайдов бо роҳи доркашӣ мехост худашро ба худкушӣ расонад, аммо бо ёрии волидонаш халос карда шуд.

**Савол:**

Дар кирдори Зубайдов таркиби ҷиноятӣ дар моддаи 109 КҶ ҶТ пешбинишуда ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №8.**

Каримов фаҳмид, ки завҷааш ҳомиладор аст ва хоҳиш намуд, ки исқоти ҳамл намояд. Завҷааш чунин пешниҳодро рад намуд. Ҳамин тавр, то таваллуди кӯдак байни Каримов ва оилааш ҷанҷолҳо ҷой дошт. Рӯзе баъди таваллуд вақте, ки оилааш назди волидонаш рафта буд, аз шароит истифода бурда ба даҳони фарзанди 3 моҳааш сиркоро (уксус) рехт. Духтурон кӯдакро наҷот дода натавонистанд. Дар рафти тафтишот Каримов арз кард, ки намехост барои таъминоти фарзандаш пул хароҷот намояд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Каримовро бандубаст намоед?

**Вазифаи №9.**

Исматова дар ҳавлии назди хонааш барои тоза кардан қолинро овезон кард. Раҳимов аз фурсати оне, ки соҳибони қолин нестанд, қолинро рабуд. Рӯзи якшанбе Исматова барои хариди маҳсулоти рӯзғори хона ба бозор рафта ногаҳон қолини худро дид, ки Раҳимов онро ба савдо монда буд. Ҳамон лаҳза Исматова дасти Раҳимовро дошта бо овози баланд барои ёрӣ дод зад. Дар ин маврид Раҳимов ду-се маротиба ба дасти Исматова зада зарари сабуки ҷисмони расонид ва қолинро гирифта ғайб зад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Раҳимов баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №10.**

Сабзов ва Шоинов байни худ ҷанҷол карданд. Сабзов ногаҳон хангоми ҷанҷол ба сӯи Шоинов ҳамла кар-

да бо мушт ба рӯи Шоинов задан гирифт. Маълум гардид, ки аз зарбаҳои пай дар пай Сабзов гӯши чапи Шоиновро кар кардааст.

**Савол:**

Кирдори Сабзовро бандубаст намоед?

**Вазифаи №11.**

Рафиқон Исмоилов ва Рӯзиев шӯхӣ ба шӯхӣ ҳамроҳ гуштинг гирифтанд. Ҳангоми гуштингирӣ, Исмоилов мехост Рузиевро тела карда ба замин афтонад, аммо Рузиев аз дасти Исмоилов канда шуда ба девор зад ва ногаҳон дар ҷояш вафот намуд.

**Савол:**

Оё дар кирдори Исмоилов аломатҳои ҷинояти дар моддаи 108 КҶ ҶТ пешбинигардида ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №12.**

Табаров ба шиноси худ Лолаева таклиф намуд, ки бо ӯ алоқаи ҷинсӣ намояд. Лолаева чунин таклифро рад намуд. Баъди рад кардани Лолаева, Табаров дасту пойи Лолаеваро зада шикаст.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Табаровро бандубаст намоед?

**Вазифаи №13.**

Баҳромов, ки аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ озод шуда буд, хамсояи худашро барои ин, ки ӯро «тюремщик» гуфт бо корд ба китфи росташ зад. Баъди чунин захм бардоштан ҳамсояи Баҳромов чаҳор моҳ фаъолияти меҳнатӣ карда натавонист.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Баҳромов баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №14.**

Холов хонандаи синфи 9-ум дар вақти танаффус мехост шӯхӣ ба шӯхӣ рафиқаш Қозиевро тарсонад. Аз ҳамин лиҳоз ба сӯи ӯ ҷадвали дарсиро ҳаво дода гумон дошт, ки аз наздаш мегузарад, аммо ҷадвал ба чашми Қозиев зада ӯро нобино кард.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои хонанда Холов баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №15.**

Кадоме аз хонаи шаҳрванд Исматов ҳар шабе ҳезум дуздӣ мекард. Барои он, ки пеши роҳи дуздиро гирад, Исматов воситаи таркиши худсозро сохта байни ҳезумҳо ҷо кард. Шабона таркиш шуд, ки дар натиҷа ноболиғ Собиров вафот карда, бародараш зарари вазнини ҷисмонӣ ба саломатиро бардошт.

**Савол:**

1. Кирдори ба ҷамъият хавфнок содиркардаи Исматов ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ дахл дорад ё не?
2. Чӣ тавр бояд ҳаракати Исматовро бандубаст кард?

**Саволи №16.**

Бо маслиҳати пешакӣ Сафаев ва Иссиқов бо мақсади тасарруфи амволи ғайр ба хонаи мӯйсафеди 76 сола Акрамов даромада, ба ӯ зарари вазнини саломатӣ расониданд, аз ҷумла, шикастани устухонҳои биннӣ, устухонҳои сар ва инчунин, ӯро дасту побанд карда, даҳонашро бо даҳонбанд баста, пас аз тасарруф аз ҷойи ҳодиса мераванд. Бо гузашти вақт Акрамов дар ҷои ҳодиса вафот мекунад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Сафаев ва Иссиқовро бандубаст кунед.

**Саволи №17.**

Роҳбари сех Тағояков корманд Амаловро, ки дар ҳолати мастӣ ба кор омада буд, кор кардан намонд. Оид ба ин ҳолат Тағояков ба директори корхона гузориш дод ва талаб намуд, ки нисбати Амалов чораи интизомӣ андешида шавад. Амалов аз амали анҷомдодаи Тағояков ранҷида бо болға ба сари Тағояков мезанад. Ҷабрдидаро ба беморхона мебаранд, ки дар он ҷо вафот мекунад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Амаловро бандубаст кунед.

**Вазифаи №18.**

Умедов дар ҳолати мастӣ ба назди Бояров, ки маъюби гурӯҳи III мебошад, омада пешниҳод намуд, то ки ҳамроҳ нӯшокиҳои спиртӣ истеъмол кунанд. Дар роҳ миёни онҳо мунокиша сар мезанад, ки дар натиҷа Бояров бо асои дасташ ба сари Умедов мезанад. Умедов ба ғазаб омада бо мақсади аз ҳаёт маҳрум кардани Бояров, бо мурувваттоби (отвертка) нӯгаш тези бо худ доштааш 5 маротиба ба қисми пеш ва паҳлӯи гулӯи ӯ зада, ҷабрдидаро ба қатл мерасонад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Умедовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №19.**

Авулов дар ҳолати мастӣ ба номуси духтари ҳамсоя Боротов таҷовуз мекунад. Боротов оид ба ҳодисаи бавуқуъомада, ба аҳли хонаводааш хабар медиҳад. Бародаронаш Воқиф ва Ғосиб қасди куштани Авуловро карданд. Онҳо Авуловро дар назди оғили хонааш дарёфт намуда лату кӯб карданд, ки дар натиҷа беҳуш шуд. Ба рӯяш об рехта баҳуш оварданд ва лату кӯбро давом доданд. Ин дафъа аз пошидани об ба ҳуш наомад. Бародарон оҳанро тафсонида ба баданаш монданд, ки ба

ҳуш ояд ва заданро давом диҳанд. Дар натиҷа Авулов аз сӯхтан ва зарар дидани узвҳои дохилии бадан, ба марг мерасад.

**Вазифаи 20.**

Паноҳхон нисбати ҳамсараш Рамида рашк мекунад ва дар натиҷаи лату кӯб маълум мешавад, ки Рамида бо Арслон муносибати маҳрамона доштаанд. Баъд аз шунидани ин суханон Паноҳхон бо ҳамсараш маслиҳат намуда, ба воситаи телефон Арслонро ба хона даъват мекунанд. Ҳангоми ба хона ворид шудани Арслон, Паноҳхон ӯро лату кӯб мекунад. Баъди лату кӯб, Паноҳхон ва Рамида маслиҳати куштани ӯро мекунанд ва онро дар амал иҷро карда дар ҳоҷатхонаи ҳавлии истиқоматиашон гӯр мекунанд.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Паноҳхон ва Рамидаро бандубаст кунед.

**Вазифаи №21.**

Ҷавонмард Носимов бо мақсади тасарруфи моликияти Назимбоева, ки ошиқу маъшуқ буданд, рафта бо табар чанд маротиба ба сару рӯйи Назимбоева зада ӯро ба ҳалокат мерасонад. Баъди ин ҳодиса, сандуқи оҳанинро, ки дар дохилаш лавозимоти пурарзиш буд, тасарруф намуда ба хонааш бар мегардад. Дар ин ҷиноят, ҷияни ҷабрдида – Уткиров низ шарик будааст.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Носимов ва Уткировро бандубаст кунед.

**Вазифаи №22.**

Ашахонов бо мақсади дуздии пӯшокаҳои чармин ба назди амбор омад. Дар наздикии амбор ду нафар нишаста буданд: писар ва духтар. Онҳо барои Ашахонов мо-

неа ҳисоб мешуданд. Ашахонов ба назди нафарони нишаста омада таклиф намуд, ки аз ин ҷо раванд ва корд-ро гирифта ба писар зад, ки аз захми он, писар аз ҳаёт маҳрум гардид. Духтар аз ҷойи ҳодиса гурехт. Ашахонов ба назди амбор рафта корашро давом дод.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Ашахоновро бандубаст кунед.

**Вазифаи №23.**

Макнунова дар хонаи истиқоматиаш кӯдаки ҷинсаш мардро таваллуд карда, бо мақсади куштори кӯдаки навзодаш, ӯро бо дастонаш буғӣ намуда, бо қайчӣ ба қафаси сина ва гардани кӯдак якчанд маротиба мезанад, ки дар натиҷа кӯдаки навзод ба ҳалокат мерасад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Макнуноваро бандубаст кунед.

**Вазифаи №24.**

Нанахонова шабона, тақрибан соати 03:00 кӯдаки ҷинсаш занро таваллуд намуда, барои аз ӯ халос шудан, тифли навзодро дар ҳавои сармо, дар таги дарахт монда рафтааст, ки кӯдак аз хунукӣ тоб наоварда вафот кардааст. Ҳангоми пурсиш Нанахонова гуфтааст, ки нияти куштори кӯдакро надошт. Ӯ мехост касе ӯро ёфта гирад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Нанахоноваро бандубаст кунед.

**Вазифаи №25.**

Давронов қоидаи ҳаракати роҳро вайрон намуда кӯдакеро бо автомашинааш пахш мекунад. Падари кӯдак ин ҳолро дида ба ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳии фи-

зиологӣ гирифтор мешавад ва Давроновро аз ҳаёт маҳрум месозад.

**Савол:**

1. Кирдори падари кӯдакро бандубаст намоед;
2. Агар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ аз кирдорҳои беэҳтиётонаи ҷабрдида ба миён ояд, он эътироф мешавад?

**Вазифаи №26.**

Санахонов дар ҳолати мастӣ ба хонааш омада ҳардуяшон бо ҳамсараш мунокиша мекунанд. Дар натиҷа, Санахонов корди хоҷагиро гирифта ба қафаси сина ва мавзеи дили ҳамсараш мезанад, ки аз ҷароҳати бардоштааш ҷабрдида ба ҳалокат мерасад. Доир ба ҳолати ҷойдошта, Санахонов худро дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (аффекти физиологӣ) қарордошта эътироф мекунад, вале хулосаи экспертиза онро эътироф намекунад.

**Савол:**

Ба ҳодисаи бавуқуъомада баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳед.

**Вазифаи №27.**

Дилалова ҳангоми ба замини наздиҳавлигиашон даромада помидор чиданаш, модари шавҳараш ҳолатро дида ӯро таъна мекунад, ки “дар вақти коштани помидор ёрдам надодабуди, акнун, ки тайёр шуд мехӯрӣ?”, бар зимми ин, таҳқиру дашном карда ба сару рӯйи келинаш бо чойнику пиёла зада аз ӯ хоҳиш мекунад, ки аз хона баромада равад. Ин ҳодисаро шавҳари Дилалова, - Санҷар дида, ба фикри модараш ҳамроҳ мешавад ва ӯро аз хона бароварда пеш мекунанд. Баъди чунин муомила, Дилалова тоқат карда натавониста, бо оғилхона рафта даст ба худкушӣ мезанад.

**Савол:**

Ба ҳолати ҷойдошта баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳед.

**Вазифаи №28.**

Нусратов ҳамсояи худ Носировро аз рӯи хусумати баъдбинӣ ва қасд аз ошёнаи 3-юм ба замин партофта мурдани ӯро мехост, аммо ҳангоми ба замин афтодан, Носиров ба турбаи гази ошёнаи аввали бино кашол шуда зинда монд. Нусратов ба мақсад нарасид.

**Савол:**

Ҳаракати Нусратовро бандубаст намоед?

**Вазифаи №29.**

Дидоров ҳамчун пианинанавоз дар ансанбли миллӣ кору фаъолият менамуд. Рӯзе бо ҳамсояаш Қулфаков баҳс шудаанд, ки дар натиҷа Қулфаков ду панҷаи дасти рости Дидоровро шикаст. Қариб 6 моҳ Дидоров пианина навохта наметавонист.

**Савол:**

Ба ҳаракати Қулфаков баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

Оё қобилияти меҳнатии Дидоров гум шудааст ё не?

**Вазифаи №30.**

Ду-се нафар ҳамсояҳо барои таъмири антеннаи хонагӣ ба болои боми хона баромада онро таъмир мекарданд. Ногаҳон, ҳангоми таъмири антенна, аз дасти яке аз онҳо – Бобоев болға аз дасташ ба поён афтода ба сари зани роҳ гузаре зада зарари вазнини ҷисмонӣ расонид.

**Савол:**

Оё барои аз бе эҳтиётӣ расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №31.**

Ҳангоми роҳгузарӣ Саидов дасти марди нобиноро гирифта мехост ӯро аз як тарафи роҳ ба дигар тарафи роҳ гузаронад. Вақте, ки дар мобайни роҳ омаданд, телефонии Саидов занг зад, Саидов телефонро гирифта аз

назди марди нобино 2 – 3 метр боло рафта ба касе чизе мефаҳмонд. Дар байни 5 – 10 дақиқае, ки Саидов бо телефон гап мезад, нобино аз ҷояш мехост қадам занад, аммо автомобиле ӯро зада ба ҳалокат расонид.

**Савол:**

1. Ба ҳаракатҳои Саидов ва ронандаи автомобил баҳои ҳуқуқӣ диҳед?
2. Оё Саидов ба марги марди нобино гунаҳгор аст ё не?

**Вазифаи №32.**

Ғайбов бо завҷааш, ки ҳомиладор буд, дар хонаи баландошёна ҳуҷраашонро таъмир мекарданд. Ҳамсояашон Табаров аз садоҳои гуногуни таъмири ҳуҷраи онҳо нороҳат мешавад. Табаров бесабрӣ карда, бо мақсади расонидани зарари вазнин ба саломатии ҳамсоягонаш, ба ҳуҷраи шаҳрвандон Ғайбов омада, бо зарбаҳои гуногун онҳоро лату кӯб мекунад, ки дар натиҷа як чашми шаҳрванд Ғайбов пурра нобино гардида, ҳомиладории ҳамсари Ғайбов қатъ мегардад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Табаровро бандубаст кунед.

**Вазифаи №33.**

Хандаев оид ба хариду фурӯши маводи нашъадор машғул будани ҳамсояаш Бохтов ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат менамояд. Бохтов аз ин кирдори ҳамсояаш Хандаев воқиф шуда, ба назди ӯ омада, ба сару рӯяш якчанд маротиба бо мушт ва лагад мезанад, ки дар натиҷа аз ҷароҳатҳои бардоштааш шунавоияш дар ҳарду гӯшаш гум мегардад ва ӯ аз 4 см. дуртарро намешунавад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Бохтовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №34.**

Шоиқов маъюби гурухи III буд ва як пой надошт, бо асояш дар ях лағжида ба автомашинаи шаҳрванд Болғаева мерасад ва асояш ранги автомашинаро мехарошад. Ин ҳалатро дида, Болғаева асои дасти Шоиқовро гирифта ба рӯяш мезанад. Аз ҷароҳати бардоштааш, чашми чапи Шоиқов пурра нобино мегардад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Болғаеваро бандубаст кунед.

**Вазифаи №35.**

Шоҳ санаи 25.07.2003 ба шаҳрванд Тамиза ба тариқи расмӣ акди никоҳ баста, аз зиндагии якҷояашон соҳиби се фарзанд мешаванд. Аз соли 2012 то ин ҷониб бо мақсади он, ки ҳамсараш Тамиза бо фарзандони хурдсолаш манзили истиқоматиашро тарк намоянд, мунтазам ҷангу ҷанҷол карда, ӯро мавриди лату кӯб қарор дода, азобу уқубати ҷисмониву руҳӣ додааст. Бо мақсади амалӣ гардонидани ниятҳои ғаразноки худ, яъне аз манзили зисташ рондани Тамиза, Шоҳ санаи 12 июли соли 2014 соати 14:00 ҳангоми дар манзили истиқоматиаш қарор доштанаш, ӯро мавриди лату кӯб қарор додааст. Ба ғайр аз ин, ӯ боз санаи 28 сентябри соли 2015 соати 21:00 бо мақсади зикргардида, боз ҳамсарашро мавриди лату кӯб қарор дода, аз мӯйи сараш кашола карда азобу уқубат додааст. Ҳамин амалҳояшро давом дода, Шоҳ бо мақсади аз манзили зисташ рондани ҳамсараш Тамиза, санаи 01 январи соли 2016 ӯро мавриди озори ҷисмониву руҳӣ қарор додааст.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Шоҳро бандубаст кунед.

**Вазифаи №36.**

Ғаюров санаи 20 декабри соли 2012 тахминан соати 23:50 автомашинаи тамғаи “Мерседес-Бенс”-ро, ки дар

ҳолати хуби техникӣ қарор дошт, бо роҳи мумфарши сатҳи болоияш хушку бенуқсони шоҳроҳи Душанбе-Бохтар аз самти кӯчаи Қосимов ба самти дидбонгоҳи маҳаллаи Чимтеппа бе бор ва бе мусофир тахминан бо суръати 60 км/соат, бо қатори якуми роҳ ҳаракат кардааст. Ҳангоми ҳаракат ва расидан дар рӯ ба рӯи бинои мағозаи №63 бозори Корвони шаҳри Душанбе, пиёдагард Эралиевро пахш мекунад. Ин садама бо вайронкунии талаботи бандҳои 4.3 ва 4.5 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи пиёдагард Эралиев ба вуқӯъ омадааст. Бандҳои зикргардидаи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пиёдагардро уҳдадор менамоянд, ки: "пиёдагардон қисми мошингардро бояд аз гузаргоҳи пиёдагард, аз ҷумла гузаргоҳҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, ҳангоми мавҷуд набудани чунин гузаргоҳҳо – аз чорроҳа бо хати пиёдагард ё канори роҳ убур намоянд ва инчунин ҳангоми берун аз гузаргоҳҳои пиёдагард гузаштани қисми мошингард, пиёдагардон ба ғайр аз ин набояд ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт халал расонанд, набояд аз ақиби воситаҳои нақлиётӣ истода ё дигар монеае, ки доираи назарро маҳдуд месозад, ба набудани воситаҳои нақлиётии наздикшуда истода боварӣ ҳосил накарда, бароянд". Пиёдагард Эралиев ин талаботро риоя накарда, роҳи мошингардро дар ҷои номуайяншуда аз тарафи рост ба тарафи чап нисбати самти ҳаракати автомашина бо қадаммониҳои тез давида гузашта, бо қисми пеши тарафи рости автомашина бархӯрда аз пой меафтад. Дар натиҷаи садамаи зикргардида, Эралиев ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта, дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат мерасад. Мувофиқи хулосаи экспертизаи тиббӣ-судӣ таҳти №122 аз 24 декабри соли 2012 дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ пиёдагард Эралиев зарари вазнин ба саломатӣ бардоштааст, ки боиси марги ӯ гардидааст. Тибқи хулосаи экспертизаи судии автотехникӣ таҳти №16/217/2013 аз 18

январи соли 2013 муайян карда шудааст, ки аз лаҳзаи сар кардани ҳаракати пиёдагард Эралиев аз ҷои исташ аз тарафи рост ба тарафи чапи роҳ, автомашина тахминан бо суръати 60 км/соат аз ҷои бархурд бо пиёдагард, дар масофаи 25,0 – 26,0 метр қарор доштааст. Ронандаи автомобил Ғаюров имконияти техникии пешгирӣ намудани садамаи нақлиётиро (пахш намудани пиёдагардро) бо роҳи пахш намудани системаи манъкунии автомобил (системаи тормозӣ) аз лаҳзаи сар кардани ҳаракати охирон, яъне пиёдагард аз ҷои исташ аз тарафи рост ба тарафи чапи роҳ дар мадди назари ронанда дошта нашудааст. Баъди аз пой афтонидани пиёдагард Эралиев ронанда Ғаюров дидаю дониста ба ҷабрдида, ки дар вазъияти барои ҳаёт хавфнок қарор дошт ва аз сабаби оҷизии худ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надошт, ҳангоме ки ӯ метавонист ба ин шахс ёрӣ расонад ва худаш ӯро дар ҳолати барои ҳаёташ хатарнок гузоштааст, ёрии худро барои кӯмаки тиббӣ ва расонидани ӯ ба муассисаи наздиктарини табобатӣ нарасонида ва оид ба ҳодисаи нақлиётии рухдода ба кормандони милитсия хабар надода, аз ҷои ҳодиса ба самти номаълум ғайб мезанад. Бо ин амалаш, ӯ талаботи банди 2.5 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дағалона вайрон менамояд.

**Савол:**

1. Кирдори содирнамудаи Ғайратовро бандубаст кунед.
2. Агар садамаи роҳу нақлиётӣ бо гуноҳи Ғаюров содир мешуд, кирдори ӯ чӣ тавр бандубаст мешуд?

**Вазифаи №37.**

Доруев санаи 24 июли соли 2015 тахминан соати 19:30 бо вайронкунии талаботи бандҳои 2.1.1. қисми 1 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода, бе ҳуҷҷати ронандагӣ бо автомашинаи там-

ғаи “Дэу - Легансе”, ҳангоми ҳаракат бо роҳи рости мошингарди мумфарши сатҳи болоияш хушки бенуқсони кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон аз тарафи кӯчаи Н. Қарабоев ба самти кӯчаи Соҳилӣ бе бор ва бо се нафар мусофирон бо суръати тахминан 70-80 км/соат, бо қатори дуюми роҳ ҳаракат дошта, ҳангоми ҳаракат ва вақти расидан дар рӯ ба рӯи яке аз биноҳои истиқоматии кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, ӯ талаботҳои бандҳои 2.7 қисми 1, 10.1. ва 10.2 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон намуда, аз худбоварӣ хатари дар пеш бавуҷудомадаро аз масофаи кифоябуда дида, чораҳои имконпазирро ҷиҳати паст намудани суръат то дараҷаи боз доштани автомашинааш наандешида, дар ҳолати мастӣ пиёдагард Хурсандро, ки роҳи мошингардро аз тарафи чап ба тарафи рости роҳ бо қадамзаниҳои миёна убур менамуд, роҳ надода, бо тарафи чапи қисми пеши автомашинааш зада аз пой меафтонад ва ба ҷабрдида ёрии аввалии тиббиро нарасонида, аз ҷои ҳодиса ба тарафи номаълум ғайб мезанад. Дар натиҷа, ба пиёдагард Хурсанд одамони роҳгузар кӯмак карда, ӯро ба беморхона мебаранд. Хурсанд худи ҳамон рӯз дар беморхона аз ҷароҳатҳои бардоштааш вафот мекунад. Мувофиқи хулосаи судӣ – автотехникӣ таҳти №16/2784/2015 аз 04 августи соли 2015 Доруев имконияти пешгирӣ намудани ҳодисаи нақлиётиро барои зер кардани Хурсанд ба воситаи пахши таъҷилии тормози автомашинааш дар шароити ҷои садамаи нақлиётӣ доштааш, ки ӯ ҳамаи чораҳои имконнопазирро пурра истифода набурдааст.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Доруевро бандубаст кунед.

## МАВЗӮИ 2. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ОЗОДӢ, ОБРӮ ВА ЭТИБОРИ ШАХСИЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.

**3.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26.07.2014.

**Адабиёт:**

1. Ҳусейнзода С.Ҳ., Бухориев Б.Р., Аҳёзода Ш.Т. Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахс. Душанбе: ЭР-граф, 2018, 170 с.

2. Лысов М. Ответственность за незаконное лишение свободы, похищение человека и захват заложников // Российская юстиция. 1994. №5. С. 40-41.

3. Беляева Н., Орешкина Т. Квалификация преступлений, посягающих на личную свободу человека. // Законность. 1994. №11. С. 14-19.

4. Сатторов Ғ.С., Азимов Н.Б. Уголовное право. Особенная часть. Альбом – схема. Учебное пособие. Душанбе, 2006.

5. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

6. Тафсир ба Қонуни чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариду фурӯши одамон» Душанбе, 2007.

**Вазифаи №1**

Қодиров дар боғи худ ноболиғон Қодиров ва Амоловро, ки себҳоро медуздиданд, дастгир карда ҳамчун ҷазо онҳоро дар ҳезумхонаи сард маҳкам намуд. Баъди

6 соат Қодиров ноболиғонро ҷавоб дод. Дар натиҷа Қодирови 13 сола аз сардию наммӣ бемор гардид.

**Савол:**

Ба ҳаракати Қодиров баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №2.**

Шабона шаҳрванд Ғозиева дар дохили анбори хонаи худ дуздеро ошкор намуда аз болояш дарро қулф карда то саҳар то шавҳараш омадан дарро накушод. Саҳар Ғозиева бо шавхараш ва бо ҳамроҳии кормандони ШВКД дари анборхонаро кушоданду хостанд дуздро дастгир кунад, аммо ӯ дар анборхона аллакай мурда буд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Ғозиеваро бандубаст намоед?

**Вазифаи №3.**

Расулов ба Ворошилова таклиф намуд, ки якҷо никоҳ банданду зану шавҳар шаванд, аммо Ворошилова ин таклифро рад намуд. Баъди рад кардани Ворошилова, Расулов ӯро дар хона маҳкам карда гуфт, ки то саҳар яъне то омадани ман дуруст фикр кун. То саҳар Ворошилова дар хона танҳо маҳкам буд.

**Савол:**

Кирдори Расуловро бандубаст намоед?

**Вазифаи №4.**

Шодиев бо нияти он, ки аз модари пири худ халос шавад, ӯро касалии рӯҳӣ гуфта бо маслиҳати пешакии музднок бо сардори беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ, онҷо ҷойгир намуд. Баъдан, бо хоҳиши хешовандони модари Шодиев ӯро аз сари нав аз ташхиси духтурон гузаронидан ва маълум гардид, ки модари пиронсол аз ҷиҳати рӯҳӣ саломат аст.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Шодиев баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №5.**

Алимова барои он, ки ба собиқ шавҳари худ, ки қасд дошт ба фаъолияти ӯ халал расонад ба сардори корхонае, ки онҷо Алимов кор мекунад, мактуб менависад, ки ӯ дучори касалии нашъамандӣ аст ва маводи нашъаоварро истеъмол менамояд.

**Савол:**

Ба ҳаракати Алимова баҳои ҳуқуқӣ дихед?

**Вазифаи №6.**

Юсупова ба ҳамаи дугонаҳои худ ваъда дод, ки онҳоро ба шаҳри Дубай барои кори хуб, ки музди меҳнати хуб дорад, мебарад. Ҳамин тавр, 5 – 6 нафар розигӣ дода онҳоро ба шаҳри Дубай бурда, шиносномаҳояшонро гирифта ба арабҳо ҳар кадоми онҳоро ба маблағи калон фурӯхт. Дугонаҳо аз ин бехабар буданд. Худ низ ба Ватан баргашт.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Юсуповаро бандубаст намоед?

**Вазифаи №7.**

Сидиқов фарзанди худро барои ғуломӣ ба оилаи бой ба маблағи 20000 сомонӣ фурӯхта, бо пули он ба худаш автомобил харидорӣ намуд.

**Савол:**

Ҳаракати Сидиқовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

У. (номи кутоҳкардашудаи мардона) давоми соли 2013 дар шабакаи иҷтимоии интернетии «ok.ru - одноклассники» бо номи «Р… В…» саҳифаи интернетии худро кушодааст. Минбаъд ӯ, бо мақсади таҳқири омма-

вии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тӯҳмат кардан ба ӯ тавассути шабакаи интернет дар давоми соли 2015 то санаи 05 июли соли 2017 дар саҳифаи интернетии кушодаи худ шиору гуфтаҳоро, ки хусусияти таҳқири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тӯҳмат кардан ба унвони ӯро доранд, ҷой дода онҳоро паҳн ва дастраси дигарон кардааст. Ӯ дар саҳифаи интернетии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ибораҳои таҳқиромез ва ҳақоратҳо бо алфози қабеҳ аз шахсият таҳқир намуда, инчунин бо навиштаҷот тӯҳматҳои нораво кардааст, ки он кас заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро фурӯхтаанд. Мувофиқи хулосаи мутахассисони Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – «шабакаи иҷтимоии интернетии Одноклассники» шабакаи оммавист ва айбдоршаванда – У. дар саҳифаи интернетии худ нисбати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вожаҳои таҳқиромезро истифода намудааст. Инчунин, дар мавод (дар маводи пешниҳодгардида иборат аз 11 саҳифа аз саҳифаи интернетӣ) айбдоршаванда зиёда аз панҷ маротиба ибораҳои таҳқиромезро истифода намудааст.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи У-ро бандубаст кунед.

## МАВЗӮИ 3. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ОЗОДИИ ҶИНСӢ ВА ДАХЛНОПАЗИРИИ ҶИНСӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019 (м.м. 138-142[1]).
3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2004. «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои мартуб ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ».

**Адабиёт**


1. Игнатов А.Н. Ответственность за преступления против нравственности. Москва: Юридическая литература, 1966.
2. Кондрашова Т.В. Квалификация изнасилованная. Свердловск, 1988.
3. Сафронов В.И., Свидлов Н.М. Вопросы квалификации половых преступлений: Учебное пособие. Волгоград, 1984.
4. Сторович З. Судебная сексология. М., 1991.
5. Дьяченко А.П. Преступления против половой свободы. Москва, 2004.
6. Раупов Ф.Х. Объект насильственных действий сексуального характера в уголовном праве // Қонуният №1. С. 123-126.
7. Ямакова З.Д. Половые преступление. Душанбе-1969.
8. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Муродов Почоеваро таҷовуз ба номус кард. Почоева баъди чунин ҳодиса ба хона омада асли воқеаро ба модараш гуфт. Модар чунин шармандагӣ, нохуширо шунида духтарашро сарзаниш намуд. Ғайр аз он, шавҳараш низ Почоеваро таҳқир намуда лату кӯб кард. Шабона Почоева мехост худкушӣ намояд, аммо бо ёрии волидонаш халос карда шуд.

**Савол:**

1. Кирдори содирнамудаи Муродовро бандубаст намоед?

**2.** Ба кирдорҳои модари Почоева ва шавҳари ӯ барои суиқасди ба худкушӣ расонидан таркиби ҷиноят ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №2.**

Лолаев дар ҳолати мастӣ бо роҳи фиред ба хонаи худ Ивановаи 12-соларо оварда мехост бо ӯ алоқаи ҷинсӣ намояд, аммо Иванова аз тарс чунон дод зада гиря намуд, ки Лолаев тарсида ӯро ҷавоб дод.

**Савол:**

Дар кирдори Лолаев таркиби ҷиноят ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №3.**

Ҷонаков, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, бегоҳирӯзӣ ноболиғ Алиеваро вохӯрда ӯро таҷовуз ба номус кард. Баъди таҷовуз ба номус худи ҳамон шаб Алиева худашро ба об партофта худкушӣ намуд.

**Савол:**

Дар кирдори Ҷононов аломатҳои таркибҳои кадом ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №4.**

Иброҳимов шабона Шоиброҳимоваро вохӯрда мехост нисбати ӯ таҷовуз ба номус кунад. Иброҳимов Шоиброҳимоваро ба замин партофта бо ду даст даҳони ӯро маҳкам зер намуд, то ин ки ӯ фарёд накунад. Дар ин ҳолат Шоиброҳимова аз ҳуш рафт. Иброҳимов ин ҳолатро дида аз фикри худ даст кашид.

**Савол:**

Оё дар кирдори Иброҳимов аломатҳои таркиби ҷинояти дар моддаи 138 КҶ ҶТ пешбинигардида ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №5.**

Қаҳҳаров ба сифати суратгир кор карда бо тани луч Ивановаро сурат мегирад ва он суратро дар яке аз маҷаллаҳои Эротикӣ нашр мекунад. Ҳангоми суратгирӣ Қаҳҳаров синну соли Ивановаро напурсида буд, аммо дарк мекард, ки ӯ ноболиғ аст. Дар ҳақиқат Иванова ҳангоми суратгирӣ ба сини 13 солагӣ даромада буд.

**Савол:**

1. Оё Қаҳҳаров барои чунин рафтораш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад?
2. Агар ҳа, пас барои кадом ҷиноят?

**Вазифаи №6.**

Каримоваи 17 сола бо Саидови 13 сола шинос шуданд. Муносибатҳои шаҳвонидоштаи онҳо ду моҳ давом кард.

**Савол:**

Ба чунин кирдор баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №7.**

Омӯзгор Латиров ба донишҷӯ Герасимова таҳдид намуд, ки агар ӯ алоқаи ҷинсӣ накунад, он гоҳ рафиқи ӯ

омӯзгор Ҷобиров санҷиши ӯро намемонад. Ҷобиров бошад аз ин ҳолат бохабар буд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои омӯзгор Латиров баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №8.**

Гулов дар роҳ зани мастеро дид, ки хобидааст. Ӯ занро хезонда ба дохили ҷойи хилват бурда ба номуси ӯ таҷовуз мекунад. Зан дар ҳолати мастӣ буда, муқобилият нишон дода наметавонад.

**Савол:**

1. Ба кирдори Гулов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.
2. Оё гуфта метавонем, ки зан дар ҳолати оҷизӣ қарор дошт ё не?

**Вазифаи №9.**

Дармонов шабона дар ҷангал занеро дида ба ӯ ҳуҷум карда ӯро ба замин партофт ва мехост бо ӯ алоқаи ҷинсӣ кунад, аммо дар ин ҳолат Дармонов пай бурд, ки зан мурдааст. Экспертизаи тиббӣ – судӣ маълум намуд, ки зан дучори бемории дил буда, сабаби вафоти ӯ ҳуҷуми ногаҳонӣ ва тарс будааст.

**Савол:**

Дар кирдори Дармонов кадом аломатҳои таркиби ҷиноятӣ ҷой дорад?

**Вазифаи №10.**

Тағоев ба хонаи худ Алиеваи 17 соларо даъват намуд. Баъд, Тағоев ба Алиева таклиф намуд, ки алоқаи ҷинсӣ кунанд, аммо Алиева чунин таклифро рад намуд. Баъдан Тағоев кордро гирифта таҳдиди куштани ӯро намуда ба номуси Алиева таҷовуз кард.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Тағоевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №11.**

Психолог ва психиатр Обидов ҳангоми сеанси навбатӣ, мизоҷи худ Ориповаро ба ҳолати гипнозӣ оварда ба номуси ӯ таҷовуз кард. Баъд аз таҷовуз пайҳои ҷиноятро нест карда Ориповаро ба ҳолати муқаррарӣ овард, аммо Орипова ҳамон замон аз чунин ҳолат бехабар буд, чунки ӯ дар ҳолати гипноз қарор дошт. Танҳо баъди 1 рӯз Орипова ҳис мекунад, ки Обидов аз ҳолати гипнозӣ истифода бурда ӯро таҷовуз ба номус кардааст ва ба мақомоти ҳивзи ҳуқуқ дар инбора аризаи даъвогӣ менависад.

**Савол:**

1. Ҳакарати Обидовро бандубаст кунед.
2. Ҳолати оҷизӣ чист?

**Вазифаи №12.**

Ширинбеков ба хонаи худ ҳамкурсаш Зоировaро оварда бо зӯроварӣ ба номусаш таҷовуз мекунад. Баъди анҷоми таҷовуз ба номус Ширинбеков Зоировaро огоҳ мекунад, ки ба касе ин ҳодисаро нагӯяд, аммо Зоировaро бошад дар ҷавоб мегӯяд, ки ё Ширинбеков худи пагоҳ ӯро ба зани мегирад ё аз ин воқеа ба милитсия хабар медиҳад. Дар ин замон Ширинбеков кордро гирифта Зоировaро мекушад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Ширинбековро бандубаст кунед.

**Вазифаи 13.**

Мардиева барои гирифтани оби дам (барои шифо ёфтан) назди муллое меравад. Мулло се рӯз ба Мардиева оби дам медиҳад. Рӯзи чор мулло ба Мардиева пешниҳод мекунад, ки агар бо ӯ алоқаи ҷинсӣ кунад, пас ҳатман пурра шифо меёбад. Мардиева ба суханҳои мулло бовар карда бо ӯ бо хоҳиши худ алоқаи ҷинсӣ мекунад.

**Савол:**

Ба ҳолати ҷойдошта баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳед.

**Вазифаи 14.**

Мулло Қудратбек барои қонеъ намудани нафси шаҳвонии худ як зани 35 соларо ба гап даровардa бар ивази як ангуштарии тилло бо ӯ алоқаи ҷинсиро анҷом медиҳад. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Мулло Қудратбекро дар ҷои ҳодиса дастгир намуда, нисбати ӯ бо моддаи 142 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунанд.

**Савол:**

Ба ин ҳодиса баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

# МАВЗӮИ 4. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ КОНСТИТУТСИОНИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Графика, 2019.

**Адабиёт**

1. Карабельников С. Уголовная ответственность за нарушение избирательного права // Российская юстиция. 1996. №5.

2. Уголовное право. Особенная часть //Под.ред. проф. А.В. Бриллиантова М., 2008.

3. Курс уголовного. Особенная часть // Под. ред. проф. Н.Ф.Кузнецова М., 1999.

4. Наумов Т.З. Курс уголовного права. Особенная часть. М., 2007.

5. Уголовное право. Особенная часть // Под. ред. проф. Кадникова Н.Г. М., Книжный мир 2007.

6. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Шокир, ки ҳамсари худро ба воситаи кор ба қатл расонид, дар ин куштор ҳамчун гумонбар барои пурсиш даъват шуд. Шокир куштори ҳамсарашро инкор кард ва баён намуд, ки ин корро ӯ накардааст. Муфаттиш барои ба кирдори содирнамудааш иқрор шудан, дасту пойи Шокирро баста бо оҳан дар устухони пяш якчанд маротиба зарба зад. Аз дарди кашидааш сабр накарда, ба гуноҳи кардааш иқрор шуд.

**Савол:**

Ба ҳолати ҷойдошта баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳед.

**Вазифаи №1.**

Шодиев номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои он, ки имзои муайяни лозимаро ҷамъ оварад, ба ҳар фарде, ки ӯро дастгирӣ менамуд ба маблағи 50 сомонӣ туҳфа намуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Шодиев баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №2.**

Барфиев раиси ташкилоти сохтмонии «Сохтмон», ки ба ӯ барои сохтмони Масҷиди марказӣ бовар карда супорида шуд барои ҷамъоварии коргарони иловагӣ озмун эълон намуд. Аз байни коргарони иловагии ҷамъомада Барфиев ду нафар Иванов ва Сидировро рад намуд, барои он, ки онҳо мусулмон нестанд.

**Савол:**

Ба ҳаракати Барфиев баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №3.**

Содиқов аз бевафогии ҳамсари худ гумонбар шуда ба телефони хонаи худ техникаи сапткуниро пайваст намуд, ки баъди аз кор баргаштанаш зангҳои шудагиву – кардагиро гӯш менамуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Содиқов баҳои ҳуқуки диҳед.

**Вазифаи №4.**

Бозоров ҳангоми ба рухсатии 3 моҳаи меҳнатӣ рафтанаш калиди хонаи худро ба ҳамсояаш Исматов бовар карда супорид ва гуфт, ки то ягон ҳодисаи нохуш нашавад, дарро накушояд, яъне кафидани қубурҳои об ва ба

ин монанд. Исматов бошад, пас аз рухсатӣ ба ш. Санк-Петербурги Федератсияи Россия рафтани Бозоров хонаи ӯро дар муддати 3 моҳ бе пурсиши соҳибхона иҷора дода пулҳои 3 моҳа, ки 3000 сомон шуданд ба манфиати худ сараф намуд. Пас аз баргаштани Бозоров аз рафти воқеа аз ҳамсояҳои дигар бохабаршуда Исоматовро ба суд дод.

**Савол:**

Оё дар кирдори содирнамудаи Исматов ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад ё не? Агар ҳа, пас барои кадом таркиби ҷиноят?

**Вазифаи №5.**

Моиндари Иномова ҳамеша он мактубҳое, ки ба номи Иномова меомад, онро кушода мехонд. Пас аз огоҳиҳои пай дар пайи Иномова оид ба он, ки номаҳоро бе иҷозати ӯ аз гирифта кушода нахонад, оқибат ба суд оид ба ин масъала аз болои моиндари худ ариза менависонад.

**Савол:**

Суд масъаларо бояд чӣ тавр ҳал намояд?

**Вазифаи №6.**

Аз ҷониби сардори бонк барои гирифтани кредит ба шаҳрванд Сванидзе рад карда шуд. Сардори бонк раднамиоро бо он асоснок намуд, ки ба шаҳрвандони кавқоз бовар кардан мушкил аст ва ӯ барои ин пулҳо ҷавобгар аст.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои сардори бонк баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

**Вазифаи №7.**

Сардори корхона пас аз рухсатии 3 солаи ҳомиладорӣ ва тарбияи кӯдак, ки корманди ҳамин корхона Собирова баромада буд, баъди баргашт ӯро аз сари нав ба

кори пешинааш қабул намекунад ва бо ҳар хел баҳона аризаашро рад мекунад, чунки аллакай ба ҷойи ӯ ҷиянашро ба кор гирифта буд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои сардори корхонаро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Ҳангоми комиссияи интихоботӣ барои интихоб ба вакили ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аъзоёни комиссия аз фурсат истифода бурда, 100 адад варақаи интихоботиро гирифта номзадии ҳамшаҳрии худро монда дигар фамилияи номзадонро гирифта хат мезанад ва варақаро ба даруни қуттӣ мепартояд. Дар натиҷа маълум мегардад, ки агар номзади дигар 50 овози дигар мегирифт, ба вакилӣ мегузашт. Мутаъсифона, ба вакилӣ, хамшаҳрии он аъзои комиссия мегузарад. Сабаби нарасидани 50 овоз ин ҳаракати аъзои комиссияи буд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои аъзои комиссия баҳои ҳуқуқи дихед.

## МАВЗӮИ 5. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ОИЛА ВА НОБОЛИҒОН

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» №6 аз 12 декабри соли 2002.
4. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.1998.

**Адабиёт**


1. Ализода А.Ш., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон. Душанбе: ЭР-граф, 2018, 178 с.
2. Азимов Н.Б. Баъзе масъалаҳои такмил додани моддаи 174 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон баро иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба тарбияи ноболиғон. //Паёми донишгоҳ. С.109-114. Душанбе 2009.
3. Азимов Н.Б. Особенности уголовной ответственности и наказания несовершеннолетних по новому уголовному законодательству РТ. Душанбе, 2006.
4. Азимов Н.Б. Нормальное развитие несовершеннолетних. // Вестник ТГНУ Душанбе 2008.
5. Азимов Н.Б. Вовлечение несовершеннолетних к порнографии. // Вестник ТНУ Душанбе 2008.
6. Азимов Н.Б. Некоторые проблемы ст.174 УКРТ «Невыполнение обязанности по воспитанию несовершеннолетнего» // Вестник ТНУ Душанбе 2009.
7. Пудовочник Ю.Е. Ответственность за преступления против несовершеннолетних Санкт-Петербург, 2002.

8. Эмомов Н.Э. Несовершеннолетние и закон. Ювенальная юстиция. Душанбе 2006.

9. Белов В.Ф. Преступления против семьи и несовершеннолетних. Москва 2002.

10. Худоёров Б.Т. Ҳифзи оила тавассути Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили муқоисавӣ) // 10-соли амали Кодекси ҷиноятии ҶТ: Натиҷа ва пешниҳод. Душанбе, 2009. С. 83-88.

11. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Холов доғи судӣ дошта, як гурӯҳ ноболиғони аз 14 то 17 соларо ҷамъ оварда ба онҳо миқдори муайяни маводи нашъаоварро барои фурӯш медод ва бар ивази он барои хизматҳояшон ноболиғон миқдори муайян маблағро аз Холов мегирифтанд.

**Савол:**

Оё дар кирдори Холов ҷинояти дар моддаи 165 КҶ пешбинишуда ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №2.**

Зоиров кӯдакони хурдсоли худро маҷбур мекард, ки дар назди истгоҳу бозорҳо талбандагӣ кунанд ва ба онҳо мефаҳмонд, ки агар аз онҳо дар бораи падару модарашон пурсанд, онҳо ҷавоб диҳанд, ки волидонашон дар садамаи автомобилӣ вафот карданд. Маблағҳои ҷамъовардаи кӯдаконашро Зоиров сарфи майнӯши менамуд.

**Савол:**

Кирдори Зоировро таҳлил намуда ба он баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №3.**

Амонови 22 сола муддати тӯлонӣ дар ягон ҷой кор накарда ҳамеша ба майнӯшӣ машғул буд. Бо ноболиғ Чиллаев шинос шуда ӯро маҷбур менамуд, ки аз хонаашон чизҳоро фурӯхта ба ӯ хӯрока ва арақ харад.

**Савол:**

Ба кирдори Амонов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №4.**

Муродов, ки падари майнушу бекорчӣ буд, якчанд маротиба писари худ ва рафиқи писарашро бо моводи нӯшокии спиртӣ зиёфат дод. Баъдан ба онҳо таклифи дуздӣ карданро дод. Дар ду-се дуздӣ худаш иштирок дошта, боқимонда содир намудани дуздиро ба уҳдаи писари худ ва рафиқи писараш супорид. Минбаъд ду нафари онҳо дуздӣ мекарданду Муродов бошад чизҳои дуздидашударо мефурӯхт ва пулҳоро баробар тақсим менамуданд.

**Савол:**

Кирдорҳои содирнамудаи Муродов, писараш ва рафиқи писарашро таҳлил намуда онро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Хомӯшова ҳамеша кӯдакони худро маҷбур мехост, ки ҳамроҳ бо ӯ дар дохили қаторахо оворагардӣ ва гадоӣ намояд. Пулҳои ҷамъовардаро Хомӯшова арақ менӯшид.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Хомӯшова баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №6.**

Қодиров бо духтараконни 16-17 сола ба алоқаи ҷинсӣ даромада баъди чанд муддати ҳамроҳ будан, ба онҳо таклиф намуд, ки ба фоҳишагӣ машғул шаванд. Қоди-

ров онҳоро бо ҳимоя ва мизоҷон таъмин намуда пулҳои ба даст омадаро баробар тақсим менамудан.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Қодиров ва духтарон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №7.**

Қулов, Почаев ва Ҷӯраев аз оилаҳои камбизоати бе макону манзил кӯдакони онҳоро харидорӣ намуда аз кӯчаҳо кӯдакони дигаронро медуздиданд. Қисми онҳоро ба давлатҳои хориҷа (ки дар он ҷо кӯдаконро ба писархондиву духтархондии оилаҳои бой қабул мекарданд) қисми дигари кӯдаконро ба Федератсияи Россия (барои нақш дар порногрофия) мефиристоданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Қулов, Почаев ва оилаҳое, ки кӯдаконашонро ба онҳо мефурӯхтанд, бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Бекова ба хушбахтии оилаи ҳамсояаш Лолаевҳо ҳасад мехӯр, ки он ҷо сулҳ, якдигарфаҳмӣ ва ишқ ҳукумфармо буд. Инчунин, оилаи Лолаевҳо таваллуди кӯдакро интизор буданд. Аз рӯи ҳасад, рашк, қасд ва бо мақсади зарар расонидан Бекова холаи худро, ки дар таваллудхона ба ҳайси фаррош кор мекард, хоҳиш намуд, ки кӯдаки Лолаевҳоро иваз намояд. Ҳамин тавр низ шуд. холаи Бекова писари солими навтаваллудшудаи Лолаевҳоро бо кӯдаки бемори дигар иваз намуд. Бар ивази кӯдакон холааш аз Бекова 3000 сомонӣ мукофот гирифт.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Лооаева ва Бекова баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №9.**

Расулов бо таъиноти суд вазифадор шуда буд, ки барои кӯдакони худ алимент супорад, аммо ӯ дар муддати 8 моҳ як бор алимент супориду халос. Ҳафт моҳи дигар аз супоридани алимент саркашӣ намуд.

**Савол:**

Дар кирдори Расулов аломатҳои таркиби ҷинояти дар моддаи 177 КҶ ҶТ пешбинишуда ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №10.**

Директори сағерахона Дӯстова муддати тӯлони сағераҳоро бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба шахсони хориҷи мефурӯхт. Ҳуҷҷатҳои кӯдаконро, ки шахсияти онҳо маълум буд, несту нобуд мекунад. Маълум гардид, ки дар муддати тӯлонӣ Дӯстова 20 нафар сағеронро ба маблағи 20 ҳазор доллари амрикоӣ фурӯхтааст.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Дӯстоваро бандубаст кунед.

**Вазифаи №11.**

Аҳмадоваи 15 сола, ки баъди вафоти волидонаш зери тарбияи аммааш монда буд, шавҳари аммааш Холов ӯро дар синни 15 солагӣ ба рафиқи худ ба шавҳар дод.

**Савол:**

Оё дар кирдори Холов ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад ё не? Агар ҳа, пас барои кадом ҷиноят?

**Вазифаи №12.**

Муллоева соҳиби ду фарзанди хурдсол буда, пас аз вафоти шавҳараш онҳоро худаш тарбия мекард, аммо тарбияи модар маълум набуд. Муллоева аз саҳар то бегоҳ аз болои онҳо дарро қулф намуда бе хӯроку либосҳои лозима монда мерафту ба фоҳишагӣ машғул буд. Бегоҳ ба хона маст бар мегашт. Ҳамсояҳо аз ин ҳол бохабар шуда Муллоеваро ба суд доданд. Суд бошад

Муллоеваро аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум карда кӯдаконро ба парастории ятимхона супорид.

**Савол:**

1. Ба кирдори Муллоева баҳои ҳуқуқӣ диҳед.
2. Ҳалномаи суд оё қонунӣ аст ё не? Агар ҳа, пас барои чӣ?

**Вазифаи №13.**

Ҷабборова сеюмин кӯдаки худро таваллуд карда ба зани ҷӯгӣ ба маблағи 4000 сомонӣ фурӯхт.

**Савол:**

Ба кирдори Ҷабборова баҳои ҳуқуқӣ диҳед?

## МАВЗӮИ 6. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017 сол.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №9 аз 2.10.2003 «Дар барои таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш».
4. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 16.12.2004 «Дар бораи таҷрибаи судҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тероризм».
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19.03.2013.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16.11.1999.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноати иншооти истеҳсолии хатарнок» аз 28.02. 2004.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» аз 20.03.2008.


**Адабиёт**


1. Таций В.П. Ответственность за преступления, против общественной безопасности. Харьков, 1984.
2. Коржанский Н.И. Квалификация хулиганства. Волгоград, 1989.
3. Камиссоров В.С. Уголовная ответственность за бандитизм. Москва 1983.
4. Сатторов Г.С., Азимов Н.Б. Уголовное право. Особенная часть. Альбом-схема. Душанбе, 2008.

5. Раҳимов Р.Ҳ. Актуальные меры борьбы с захватом заложника. Душанбе, 2004.
6. Мирзоахмедов Ф.А. Некоторые вопросы понятие терроризма // Давлат ва ҳуқуқ №2. 2005. С. 45-56.
7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ, ки барои супоридани имтиҳони давлатӣ тайёр набуд ва бо мақсади пароканда кардани имтиҳон ба маъмурияти факултет занг зада хабар дод, ки дар бино маводи тарканда монда шудааст. Ҳама устодон аз бино баромаданд ва имтиҳон ба рӯзи дигар монда шуд.

**Савол:**

Дар ҳаракатҳои донишҷӯ кадом аломатҳои таркиби ҷиноятӣ ҷой дорад?

**Вазифаи №2.**

Табаров бо мақсади тарсондани ҳамсояаш шабона ба наздаш омада гуфт, ки ӯ дидааст, ки чи хел 2 нафар шахсони бегона бо либосҳои сиёҳ ба таҳхонаи бинои истиқоматии бисёошёна даромада он ҷой чизеро монда гуфтанд, ки таркиш бояд саҳарӣ ба вуҷуд ояд. Ҳамсояаш аз тарс бо тезӣ рафта ба ШВКД хабар дод.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Табаров баҳои ҳуқуқӣ диҳед:

**Вазифаи №3.**

Зубайдов, Наимов ва Сафаров, ки ҷазоро дар колонияҳои ислоҳии низомаш пурзӯр адо мекарданд, якчанд кормандони маъмуриятро ба гаравгон гирифта, талаб намуданд, ки онҳоро ба дигар колонияи ислоҳӣ ва бо низомаш умумӣ интиқол кунанд вагарна гаравгононро лату кӯб менамоянд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои маҳкумшудагон Зубайдов, Наимов ва Сафаровро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Зинатшоев ба назди Воҳидов омада пулҳои ба қарз додаашро талаб намуд. Воҳидов ба ӯ гуфт, ки ҳозир пул надорад, агар дар оянда пул шавад, қарзро бар мегардонад, аммо Зинатшоев ба ӯ бовар накарда ӯро ба хона тела дода аз болояш қуфл намуда гуфт, ки то пули қарзро надиҳӣ ман қулфро намекушоям. Баъди нолаҳои зиёду илтимосҳо Зинатшоев баъдан бовар намуд, ки Воҳидов ҳақиқатан пул надорад ва қулфи дарро кушода ӯро сар дод.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Зинатшоевро таҳлил намуда онро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Прокурори ноҳия бо мақсади ҳимояи худ ва аҳли оилааш аз ҳисоби шахсӣ даҳ нафарро ҳамчун посбон қабул намуд ва бо се адад силоҳи оташфишонии тамғаи «Макаров» онҳоро мусаллаҳ намуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои прокурор баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №6.**

Шулашов ҳангоми парвози хатсайри Душанбе-Москва дар ҳавопаймо ба дохили кабинаи лётчикҳо даромада бо корд таҳдид намуд, ки тайёраро ба сӯи кишвари араб ҳай кунад. Бо кӯмаки мусофирон сари вақт пеши роҳи ин ҳодиса гирифта шуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Шулашовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Убайдов яке аз намояндагони ташкилоти хориҷӣ САҲА-ро ба гарав гирифта аз Ҳукумати Тоҷикистон талаб намуд, ки бародари ӯ, ки дар калонияи ислоҳии низомаш сахт барои тероризм адои ҷазо менамояд, озод карда шавад, дар акси ҳол ӯ гаравгонро мекушад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Убайдов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №8.**

Рашидов дар кӯча силоҳи оташфишон ёфта ба ҷойи он, ки ӯро бурда ба ШВКД супорад, ба хонааш оварда дар девор хамчун «сувенир» овезон мекунад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Рашидов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №9.**

Аскаров, Петров ва Олимов бо маслиҳати пешакӣ гурӯҳро ташкил карда муддати 2 сол ба шаҳрвандон ва мағозаҳо ҳуҷум карда фоидаро баробар тақсим мекарданд.

**Савол:**

Кирдорҳои ин 3 нафарро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Полковники милитсия Маҳаков аз кор ба хона хаста омада яроқашро ба болои мизи телевизор гузошта барои шустани сару рӯй ба ҳаммом меравад. Ҳангоми набудани ӯ, писарчаи хурдсоли ӯ тапончаро аз рӯи миз гирифта ба сӯи модараш равона карда шӯхӣ ба шӯхӣ бозӣ кардан мегирад, ки ногаҳон тире, ки аз тапонча мебарояд ба модараш зада, ӯро мекушад.

**Савол:**

1. Субъекти ҷиноят дар ин ҷо ҷой дорад ё не?
2. Нисбати полковник Маҳмудов ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад ё не?

# МАВЗӮИ 7. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ САЛОМАТИИ АҲОЛӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психиотропӣ ва прокурсорҳо» аз 10.12.1999.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 10.05.2005.

**Адабиёт**


1. Икромова Г.М. Уголовно-правовая борьба с наркоманией. Ташкент, 1982.
2. Семернева Н.К., Николаева З.А. алкоголизм. Наркомания. Токсикомания. Свердловск, 1988.
3. Смитиенко В.Н. Уголовно-правовая охрана здоровая населения в СССР. Киев, 1989.
4. Тавсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Глобус, 2006.
5. Сатторов Г.С. Азимов Н.Б. Уголовное право. Особенная часть. Альбом-схема. Душанбе, 2008.
6. Баҳриддинов С.Э. Некоторые уголовно-правовые нормы Исламского Государства Афганистан об ответственности за преступления, связанные с наркотиками. // Давлат ва ҳуқуқ, №1. 2006. С. 48-55.
7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.


**Вазифаи №1.**

Боев, ки ба хонаи дӯсташ Асоев ба меҳмонӣ омада буд, дар яке аз ҳуҷраҳои хона халтаи бангдонаи Кана-

бисро мебинад. Аз фурсати оне, ки соҳибхона ба берун баромада буд, истифода бурда 20 ниҳоли онро мегирад. Рӯзе Боев ҳангоми фурӯши бангдонаи Канабис аз ҷониби кормандони ШВКД дастгир карда мешавад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Боев ва Асоевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №2.**

Сардори дорухона Ҷӯраева дар давоми ду ҳафта ба собиқ шавҳари худ 457 ампулаи дорои маводи нашъадор дошта медиҳад, ки чанде пас дастгир мегардад. Дар тавтишот Ҷӯраева арз мекунад, ки собиқ шавҳари ӯ ҳамеша таҳдид мекард, ки агар ампулаҳоро ба ӯ надиҳад, онгоҳ лату кӯб мекунад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Ҷӯраева ва собиқ шавҳарашро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Дар дохили ҳавопаймо, ки аз Душанбе ба шаҳри Москва парвоз мекард, аҳволи саломатии мусофир Азизова ногаҳон бад шуд. Ҳангоми ба шаҳри Москва фуруд омадани ҳавопаймо мусофир Азизоваро бо тезӣ ба беморхона бурданд, ки аз дохили рӯдаи Азизова 20 куттӣ гераинро ба миқдори 200 грамм берун бароварданд. Азизова наҷот дода шуд, новобаста аз оне, ки як қуттиаш дар дохили рӯдаи Азизова кафида буд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Азизоваро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Исматов аз Рашидов 500 грамм героинро харида ба тариқи пинҳонӣ ба дохили сумкаи оилааш андохта ҳарду ба шаҳри Иркутск сафар кардан мехостанд, аммо

дар сарҳад оилаи Исматовро дастгир карданд, ки ӯ аз ин мавод бехабар буд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Исматов, Рашидов ва оилаи Исматовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Мирзоев дар замини назди ҳавлигиаш кӯкнор кошта аз он 1000 ниҳол гирифт. Ҳангоми дар муомилот гузаронидан дастгир шуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Мирзоев баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №6.**

Одилов аз рӯи қоғазхати духтурон ва аз рӯи китоби «Мадади Сино» худсарона бе надоштани иҷозатнома доруҳоро барои дарди меъдаю гурда тайёр карда ба мардум мефурӯхт. Мизоҷоне, ки наздаш омада буданд шифо ёфтанд, аммо Одилов то ҳатто маълумоти олии тиббӣ надошт.

**Савол:**

Ба кирдори Одилов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №7.**

Анисимова донишҷӯи курси 5-уми Донишгоҳи тиббӣ ҳангоми таҷрибаомӯзӣ ба беморхона омада муддати 1 моҳ таҷриба гирифт. Дар давоми таҷрибаомӯзӣ аз рафти массажи духтурон нигоҳ карда онро аз худ кард. Баъд аз он, мустақилона бе иҷозатнома ба фаъолияти хусусии тиббии музднок шурӯъ намуда мизоҷонро массажи муолиҷавӣ намуда аз ҳар яки онҳо бар ивази як массаж 20 сомонӣ мегирифту андоз намесупорид.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Анисимова баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №8.**

Шаҳрванд Бердиев шабона ба дорухонаи марказии пойтахт даромада аз он ҷо танҳо доруҳое, ки дар таркибашон маводи нашъаовар ва маводҳои психотропӣ доранд ба монанди (атсетилметодол, тиофентотил)-ро ғайриқонунӣ тасарруф намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Бердиевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №9.**

Шаҳрванд Исоқовро шабона ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳо кормандони ШВКД доштанд, ки дар натиҷа аз ҷайби ӯ ҳангоми ковтуков 200 грамм афюнро дарёфт намуданд. Исоқов дар рафти тафтиш афюнро бо он маънидод кард, ки ӯ барои истеъмоли худаш дарёфт намудааст.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Исоқов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №10**

Мафҳум ва намудҳои воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, доруворӣ ниҳоли бонгдона, гашишро шаҳр диҳед.

# МАВЗӮИ 8. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ВА ИСТИФОДАИ НАҚЛИЁТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» аз 10.05 2002.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақлиёт» аз 29.11.2000.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» аз 04.11.1995.


**Адабиёт**


1. Ализода А.Ш., Нарзуллоев С.С. Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаи нақлиёт. Душанбе: ЭР-граф, 2018, 120 с.
2. Козаченько И.Я., Ищутин Е.А. Причинная связь в автотранспортных преступлениях в призме экспертных оценок. Тюмень, 1991.
3. Галахов А.В. Уголовно-правовая характеристика транспортных преступлений. Москва, 1990.
4. Чучаев А.И. Безопасность железнодорожного водного и воздушного транспорта: уголовно-правовые проблемы. Саратов, 1988.
5. Ветров Н.И. Уголовное право России. Особенная часть. Москва, 2000.
6. Наумов А.В. Комментарий к УК РФ. Москва, 1996.
7. Наумов А.В. Курс уголовного право РФ. Особенная часть. Том 2. Москва, 2007.
8. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Механики «Автобусный парк» Шодиев автобусе, ки чархҳояш тамоман бекор шуда буданд, барои хизмати аҳолӣ ба кор фаъолият кардан иҷозат дод. Ин автобус дар роҳ ба садама афтида, 1 нафар мусофир ҳалок ва 5 нафар мусофир ҷароҳатҳои гуногун бардоштанд. Экспертизаи роҳу нақлиёт нишон дод, ки дар вақти боронӣ ҳангоми доштани автобус дар чароғаки сурх, автобус лағжида рафта ба симчӯб мезанад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои механикро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №2.**

Идрисов ҳангоми рондани автомобили шахсии худ дар ҳолати мастӣ қарор дошта ба чароғаки сурх наистод. Дар натиҷа ба 2 нафар зарари вазнини ҷисмонӣ ва ба 1 нафар зарари сабуки ҷисмонӣ расонида шуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Идрисовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Бобоев ронандаи автомошинаи боркашонӣ бо притсеп, ки дарозиаш 15 метрро ташкил медод дар роҳ рафта истода буд. Ногаҳон марди мастеро мебинад, ки дар мобайни роҳ истода бозӣ мекард. Бобоев барои он, ки ӯро назанад, чамбараки автомобилро ба сӯи дигар метобонад, ки дар натиҷа 3 нафаре, ки дар истгоҳ истода интизори автобус буданд, зада ба онҳо зарари вазнини ҷисмонӣ мерасонад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Бобоевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Расулов мехоҳад мағозаи кашондашавандаи газетфурӯшии худро аз як тарафи роҳ ба дигар тараф гузаро-

над ва бо ҳамин мақсад автомошинаи борбардориро оварда аз поён худ низ онро бо суханҳои чапу рост идора мекард. Вақте, ки автомошинаи борбардор мағозаро бардошта мехост ба он тарафи роҳ ба ҷои муайяншуда гузорад, банди (троси) кран канда шуда мағоза бошад рост ба болои Расулов омада меафтад ва Расулов ҳамон замон дар ҷояш ҳалок мегардад.

**Савол:**

Ба чунин ҳодиса баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №5.**

Саидов ҳангоми ба қатора ба вилояти Суғд рафтанаш, дар байни роҳ барои он, ки онҳо фароянд, катораро бе пурсиш боз медорад. Ӯ тугмаи «ист»-ро пахш менамояду фаромада меравад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Саидов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №6.**

Сардори «парки тролейбус» ва танзимгари он ронанда Иброҳимовро, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, барои хизмати аҳолӣ ба роҳ монда онро чунин асоснок карданд, ки реҷаи хизматии тролейбус барои хизмати аҳолӣ бояд вайрон карда нашавад, аммо Иброҳимов ҳарчанд дар ҳолати мастӣ тролейбусро ронда бошад ҳам, ягон воқеае рух надод.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои сардор, танзимгар ва ронанда баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №7.**

Шахси масъули қатораи боркашонии роҳи оҳан ҳангоми аз соҳибкор қабул намудани борҳои ӯ бояд ба як вагони қатора аз рӯи низомномаи роҳи оҳан на зиёда аз шаст тонна борро тахт мекард, аммо ӯ бар ивази му-

кофотпулии иловагӣ, ки ба киссаи худаш тааллуқ дошт, ба вагони қатора 70 тонна борро тахт мекунад. Ҳангоми сафар қатора боиси садама мегардад, яъне вагони ҳамон бори тахткарда ба вазнинӣ тоб наоварда канда шуда бор ба замин пош мехӯрад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои шахси масъули борқабулкунада баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №8.**

Ҳангоми риоя накардани қоидаҳои ҳаракати роҳ, ронандаи автомобил Ризоев бо автомобили худ дар роҳ 3 нафарро пахш мекунад. Дар натиҷа 2 нафар ҳалок мегардаду 1 нафари дигар ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ мебардорад. Ғайр аз ин, дар рафти тафтишот маълум мегардад, ки ронанда Ризоев ҳуҷҷати ронандагӣ низ надоштааст.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Ризоевро бандубаст кунед.

## МАВЗӮИ 9. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ЭКОЛОГӢ ВА МУҲИТИ ЗИСТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 22.04.2007.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» аз 1.03.2005
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5.01.2005
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ» аз 26.03.2009
7. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.08.2011.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» аз 16. 10.2009.

**Адабиёт**


1. Вовк Ю.А. Советское природно-ресурсное права и охрана окружающей среде. Общая часть. Хорьков, 1986.
2. Мамадов Ф.Г. Уголовный закон и охрана чистоты атмосферного воздуха и водоемов Боку, 1986.
3. Улитин А.А. Охота и закон. Москва, 1987.
4. Вдовенко В., Широков В. Судебная практика по делам о браконьерстве // С.Ю. 1990 №13.
5. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Шоев ва Шамсов бо ҳам гуфтугӯ карданд, ки агар кадоме аз онҳо пештар оҳуи кӯҳиро шикор намояд, барои тақсими гӯшти он якдигарро огоҳ месозанд. Шамсов бе иҷозатнома ва дар ҳудуди барои шикор манъшуда оҳуро шикор намуда Шоевро огоҳ месозад. Онҳо оҳуи сайдшударо якҷо тақсим мекунанд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Шамсов ва Исоев баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №2.**

Розиқов барои ифлос намудани об ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда буд. Як сол пас Розиқов аз сари нав ба дохили об як сатил рангаи (краскаи) вайроншударо партофта аз ҷониби кормандони ШВКД дастгир карда мешавад.

**Савол:**

Ҷавобгарии Розиқовро ҳал намоед.

**Вазифаи №3.**

Боқиев ва Барфиев тобистон дар назди соҳили дарёи Сирдарё ба шикори моҳӣ машғул мешаванд. Дар он ҷо огоҳнома навишта шуда буд, ки «бинобар тухмгузории моҳиҳо сайди онҳо як фасл аз тобистон то тирамоҳ манъ аст». Онҳо ба чунин огоҳнома аҳамият надода миқдори калони моҳиро сайд карданд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Боқиев ва Барфиев баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №4.**

Зокиров барои он, ки дар фасли зимистон ҳезумро ҷамъ оварад 10 адад дарахтони калонро бурида онҳоро ба хона овард.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Зокиров баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №5.**

Чор нафар рафиқон ба ҷангал барои чидани хоч (грибы) омада шабона он ҷо монданд. Онҳо дар дохили ҷангал барои пухтани хоч оташ гирён карда то саҳар он ҷо айшу ишрат намуданд ва саҳарӣ ҳангоми рафтан хомӯш кардани лахчаҳои оташро фаромӯш намуданд. Дар натиҷа, аз лахчаҳо оташ аланга гирифта аз 3/1 ҳиссаи ҷангалро оташ сӯзонид.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои чор нафар рафиқон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №6.**

Каримов барои шикори 3 харгӯш иҷозатнома гирифт. Дар шикор ба ҷои 3 харгӯш ӯ 1 оҳуро сайд намуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Каримов баҳои ҳуқукӣ диҳед.

**Вазифаи №7.**

Муродов бо писараш аз дохили ҷангал барои сохтмони хонаашон 30 адад сафедорро бе пурсиш ва иҷозатномаи ягон кас бурида онро истифода бурданд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Муродов ва писараш баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №8.**

Қосимов ба замини ҳамсояи худ ҳавас ва ҳасуд мехӯрд, барои он, ки ҳамсояаш аз заминаш ҳосили фаровон мегирифт. Қосимов аз рӯйи қасд шабона ба замини ҳамсояаш як мошин соляркаро оварда мепошад бо мақсади он, ки ҳосили замини ҳамсояаш хушк шавад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Қосимов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №9.**

Муовини раиси ноҳия бо мақсади паст кардани обрӯю эътибори раиси ноҳия дар байни мардум ва шабона дар замини корам маводи заҳролудкунандаро оварда мепошад ва заминро хароб мекунад.

**Савол:**

Кирдори муовини раиси ноҳияро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Зуҳуров бо ҳамроҳии рафиқонаш, ки ғайриқонунӣ яъне бе иҷозатномаи дахлдор ба шикор баромада ба шикори он парандаю ҳайвонҳое, ки шикори онҳо пурра манъ шудааст, машғул шуданд ва ба миқдори калон ба давлат зарар оварда шуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Зуҳуров ва рафиқонашро бандубаст кунед.

# МАВЗӮИ 10. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ВА АХЛОҚ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №20 аз 25.06.2004 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба авбошӣ».

**Адабиёт**


1. Коржанский Н.И. Квалификация хулиганства. Волгоград, 1989.
2. Андрусенко Е.В. Уголовная ответственность за содержание притонов и сводничество. Душанбе, 1978.
3. Муллаев М.У. Умышленное уничтожение, разрушение или порча памятников культуры либо природных объектов, взятых под охрану государства. Душанбе, 1978.
4. Блох И. История проституции. СПб, 1994.
5. Фукс Э. Иллюстрированная история нравов. М., 1993.
6. Проституция и преступность. Сборник. М., 1997.
7. Азимов Н.Б. Порнография в отношении несовершеннолетних // Вестник ТНУ. Душанбе, 2008.
8. Наумов А.В. курс уголовное право РФ. Особенная часть. Т.2. Москва, 2007.
9. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.


**Вазифаи №1.**

Исматов баъди таннафуси нисфирӯзӣ ба ҷои кор дар ҳолати мастӣ омада аз як тараф ҳамаи коргаронро

таҳқир намудан гирифт. Баъдан, ба сардори худ ҳамла оварда ӯро ду мушт ба рӯяш зада аз мизи сардор компютерро ба замин партофта шикаст. Бо даъвати коргарон, кормандони ШВКД ӯро гирифта бурданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Исматовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №2.**

Раҳимов, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, дар хона бо оилааш ҷанҷол бардошт. Оилаи Раҳимов аз тарс гурехта ба хонаи ҳамсоя рафт. Раҳимов бошад аз пасаш ба хонаи ҳамсоя рафта дарро кӯфтан гирифт, аммо ҳамсоя дарро накушод ва баъдан ӯ аз берун бо санг шишаи тирезаҳои ҳамосяро шикаста ӯро бо овози баланд таҳқир кардан гирифта роҳгузаронро лату кӯб намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Раҳимовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Обидов дар дохили кинотеатр ҳангоми тамошои филм нишаста аз мизи он тамоми чармҳои онро бо пахтааш канда гирифт.

**Савол:**

Ба кирдори Обидов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №4.**

Расулова дар девори мактаб, ки нав таъмир карда буданд, бо алафи сабз навиштаҷотеро нависонд: «Обидов + Галя = Любовь», ки ҳама онро хонда механдиданд. Девори мактаб бадсифат гардид.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Расулова баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №5.**

Дар тӯйи арусии навҷавонон, амаки арӯс микрофонро гирифта дар назди ҳама бо овози баланд навҷавононро таҳқир карда аз болои сари арӯсу домод ду сатил об пошид.

**Савол:**

Ҳаракатҳои амаки арӯсро бандубаст кунед.

**Вазифаи №6.**

Қодиров, Чолов ва Исматов шабона ба қабристоне даромада ҳамагуна навиштаҷот ва сангҳои рӯйи қабрро шикаста вайрон карданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои ин 3 нафарро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Разоқов аз шиносҳои худ видеофилмҳои дорои хусусиятҳои шаҳвониро дарёфт намуда онҳоро пулакӣ дар хонааш ба рафиқонаш ва ҳамсинфу ҳамкурсонаш намоиш медод. Инчунин, хонаи худро барои алоқаи ҷинсӣ ба маблағи муайян ба шиносҳои худ месупорид.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Разоқовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Иванова бо музд ҳамеша мардҳои гуногунро ба хонааш оварда бо онҳо алоқаи ҷинсӣ менамуд.

**Савол:**

Ба кирдори Иванова баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №9.**

Герасимоваро баъди вафоти волидонаш тағояш ба тарбия гирифта буд. Баъди 18 сола шуданаш тағояш Герасимоваро маҷбур намуд, ки ба фоҳишагӣ машғул шу-

да, барои таъминоти зиндагӣ пул оварад. Герасимова аз маҷбурсозиҳои тағояш ба фоҳишагӣ машғул шуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои тағои Герасимова баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи 10.**

Сиджаев Даниловаро ба амбор даровардa буғӣ карда мекушад. Баъди ин ҳодиса, барои рӯйпӯш намудани ҷинояти содир намудааш, ҷасади фавтидаи Даниловаро дар ҷои ҳодиса месӯзонад.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Сиджаевро бандубаст намоед.

# МАВЗӮИ 11. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ МОЛИКИЯТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.

3. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №3 аз 25.06.2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ».

4. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №22 аз 26.06.2009 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба аз худкунӣ ва исрофкорӣ».

**Адабиёт**

1. Ахмедов Б.Н. Уголовно-правовая борьба с вымогательством и пути повышения эффективности. Автореф. канд.дисс. М., 1993.

2. Борзенков Г.Н. ответственность за мошенничество. М., 1971.

3. Владимиров В.А. Квалификация похищений личного имущества. М., 1974.

4. Наумов А.В. Курс уголовного права РФ. Особенная часть. Т.2. Москва, 2007.

5. Комментарий к УК РФ. под. ред. проф. А.В. Наумова. И., 1996.

6. Наумов А.В. Уголовное право. Особенная часть. М., 1999.

7. Курс уголовного права РФ. под.ред. проф. Н.Ф. Кузнецовой. Особенная часть М., 1999.

8. Сатторов Г.С. Уголовная ответственность за кражу с незаконным проникновением в жилище поме-

щение либо иное хранилище. // Давлат ва ҳуқуқ №2. 2006 С. 54-60.

9. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Исматов шабона ба ҳудуди ҷамоати моҳипарварӣ даромада аз онҷо 50 кг ширмоҳиро бо тӯр дошта, ба хонааш овард. Аз 50 кг моҳӣ 15 кг-ро ба Сафаров дод, чунки тӯр аз они ӯ буд.

**Савол:**

Кирдорҳои содиркардаи Исматов ва Сафаровро бандубаст кунед.

**Вазифаи №2.**

Ҷӯраев дар истгоҳи роҳи оҳан фарзанди 4 солаи худ ва ҷомадонашро як сӯ гузошта ба назди касса барои харидани чипта рафт. Ҳангоми набудани ӯ аз фурсат истифода бурда Ҷабборов пинҳонӣ ҷомадонро аз назди фарзанди 4 солаи Ҷӯраев оҳиста гирифта меравад, аммо дере нагузашта дастгир карда мешавад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои содиркардаи Ҷабборовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Сардори корхонаи «Автотранспорт» Умедов ба корманди худ Рашидов фармон дод, ки матори мошинаи «Зил»-ро канда, ба ягон кас фурӯшад. Рашидов бошад фармонро иҷро карда аз маблағи гирифта, аз 3/1 ҳиссаашро ба худ гирифт ва боқимондаи маблағро ба сардор дод. Сардор маблағҳои гирифтаро ба манфиати худ истифода бурд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Умедов ва Рашидовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Абдуллоев ва Нуров шабона ҳангоми набудани соҳибхона бо тариқи пинҳонӣ ба хонаи истиқоматии шаҳрванд Пиров ворид шуда, аз он ҷо 2 адад теливизор, 5 адад қолин, тилловорӣ ба маблағи 10000 сомонӣ ва маблағи пулиро (50000) сомонӣ тасарруф намуданд.

**Савол:**

Кирдори содиркардаи Абдуллоев ва Нуровро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Исроилов бо мақсади тасарруф намудани амвол ба дохили мағоза даромада аз ҳаракатҳои фурӯшанда назорат мекард. Аз фурсати он, ки фурӯшанда бо дигар харидор банд буд, 2 адад пойафзоли мардона ва 1 палтои занонаро дуздида аз мағоза берун баромад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Исроилов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №6.**

Шабона Исоев ҳангоми аз кор ба хона баргаштанаш бо Ризоев рӯ ба рӯ афтод. Ризоев ҳамон лаҳза аз киссаи худ кордро бароварда таҳдид намуд, ки Исоев соати худ ва аз киссааш пулҳоро бароварда ба ӯ диҳад, вагарна ӯро мекушад. Исоев талаби Ризоевро иҷро кард.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Ризоевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Вақте, ки шаҳрванд Комилов аз бонк пулҳоро гирифта ба сӯи хона равона шуд, дар ҳамин ҳолат 2 нафар Хушвахтов ва Саидов ҷаҳида омада бо тезӣ яку якбора сумкаи пулро аз дасти Комилов кашида гирифта гурехтанд ва дере нагузашта дастгир шуданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Хушвахтов ва Саидовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Бегоҳирӯзӣ 4 нафар таксиро нигоҳ дошта дар он ҳамчун мизоҷон нишастанд ва фармон доданд, ки ба сӯи ҷангал мошинро ронад. Вақте, ки ба ҷойи гуфташуда омаданд, яке аз онҳо кордро ба гардани таксист монда, пулҳоро аз киссааш гирифтанду фаромада ба сӯи ҷангал рафтанд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои ин 4 нафарро бандубаст кунед.

**Вазифаи №9.**

Солиева ба боварии 5-6 нафар фурушандагони мағозаҳо даромада пулҳои онҳоро ба миқдори 100000 сомонӣ барои ба онҳо дар оянда бор овардан, гирифту ҳамин тавр ғайб зад.

**Савол:**

Ҳаракати Солиеваро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Иброҳимов духтарчае, ки дар наздаш истода буд фарёд карда ба ҷойи гӯшворҳои тиллоияш 1 дона шоколадро ба ӯ ҳадя намуд. Ҳамин тавр, Иброҳимов гӯшворҳои тиллоиро гирифта ғайб зад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Иброҳимовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №11.**

Ба соҳибкор Аббосов шахсони номаълум занг зада, талаб намуданд, ки 20000 сомониро ба ҷойи муайяншуда биёрад, вагарна мошини дӯстдоштааш - «Мерседес»-ро ба яғмо мебаранд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои шахсони номаълум баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №12.**

Нодиров аз ҳудуди автостоянка автомошинаи «Жигули»-ро рабуда рақамҳои давлатиашро иваз намуд ва дар давоми 3 моҳ то дастгир шуданаш автомошинаро ҳамчун таксӣ истифода мебурд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Нодировро бандубаст кунед.

**Вазифаи №13.**

Шабона Тӯйғунова ҳангоми аз кор ба хона бар гаштанаш бо Пиров рӯ ба рӯ шуд. Пиров пеши роҳи ӯро гирифта, талаб намуд, ки аз гардану панҷаҳои дасташ тилловориро кашида ба ӯ диҳад вагарна саги бо занҷир дар даст доштаашро ба сӯи ӯ равона мекунад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Пировро бандубаст кунед.

**Вазифаи №14.**

Муродов ҳангоми баҳс кардан бо зани худ ва барои он, ки дили оилаашро ранҷонад кӯзаи бобоии занашро, ки меърос монда буд ва арзиши қиммат дошт зада мешиканад. Оилааш дар ин бора ба ШВКД аризаи даъвогӣ менависад.

**Савол:**

Оё дар кирдори Муродов таркиби ҷиноятӣ ҷой дорад.

**Вазифаи №15.**

Саидов ва Сафаров дар роҳ марди мастеро диданд, ки хобидааст ва аз фурсат истифода бурда, сару либоси ӯро кашида гирифтанд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Саидов ва Сафаровро бандубаст кунед.

**Вазифаи №16.**

Содиқов ҳангоми сангро ба боло ҳавола доданаш ногаҳон санги ҳаволадодаи ӯ ба ҳайкали сомонӣ афтода дасту пойҳои ҳайкалро шикаст.

**Савол:**

Оё дар кирдори Содиқов таркиби ҷиноят ҷой дорад?

**Вазифаи №17.**

Умарова бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ муддати 10 сол нафақаро дар ҳаҷми 5000 сомонӣ аз буҷаи давлат мегирифт ва дере нагузашта дастгир шуд.

**Савол:**

Ба кирдори Умарова баҳои ҳуқуқи диҳед.

**Вазифаи №18.**

Собиров дар роҳ занеро мебинад, ки дар гӯшу гардан тилловориро кашол намуда ба кор рафта истода буд. Аз ҳамин фурсат истифода бурда, ба тезӣ давида гӯшвору занҷирбандро канда гирифта мегурезад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Собиров баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №19.**

Аъзои хоҷагии деҳқонӣ Каримов худсарона тракстори муассиро фурӯхта пулҳои онро ба фоидаи худ исроф мекунад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Каримов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №20.**

Замонов ва Нуралиев, ки дар хоҷагии молпарварӣ кор мекарданд, шабона бо маслиҳати пешакӣ аз ду гӯсфандро тасарруф мекунанд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Замонов ва Нуралиевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №21.**

Ба соҳибкор Болтаев мактубе аз ҷониби шахсони номаълум фиристода мешавад, ки дар он гуфта шуда буд: «Агар ӯ бо ҷойи лозима, 50000 сомонӣ наорад, пас фабрикаи ӯро месӯзонанд.

**Савол:**

Ҷавобгарии ҷиноятии ин масъаларо ҳал намоед.

## МАВЗӮИ 12. ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Карори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 25.06.2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ».
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.09. 2012.
5. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12. 2004.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13.06.2013.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8.12.2003.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17.05. 2004.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22.07.2013.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.12.2015.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз 28.07.2006
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусалаҳи чумҳурии Тоҷикистон» аз 02.12.2002.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014.

**Адабиёт**

1. Кучеров И.И. Налоговые преступления. Москва, 1997.

2. Ларичев В.Д. Преступления в кредитно-денежной сфере и противодействие. М., 1996.

3. Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Уголовно-правовая охрана финансовой сферы: новые виды преступлений и их квалификация. М., 1995.

4. Коржанский И.И. Контрабанда и ее правовая характеристика. М., 2004.

5. Наумов А.В. Курс уголовного права РФ. Особенная часть. Москва, 2007.

6. Нодиров Ф. Мафҳуми саркашӣ аз андоз мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. С.98-104.

7. Лопашенко Н.А. Преступление в сфере экономика Саротов. 2004

8. Раҳимов Р.Х, Солиев К. Преступление в сфере экономической деятельности. Душанбе, 2004.

9. Раҳимов Р.Х. Отмывании и правовые аспекты борьбы с легализаций незаконных доходов в Республики Таджикистан. Душанбе, 1999.

10. Сафаров А.И. Баъзеи масъалаҳои бандубасти барасмият даровардани маблағҳои пулӣ ё амволи дигаре, ки ғайриқонунӣ ба дастоварда шуд. // Қонуният. №1 2009.с. 13-134.

**Вазифаи №1.**

Раиси кумитаи заминсозии ноҳия ба аризаи шаҳрванд Исоқоврo ҷиҳати ҷудо намудани замини наздиҳавлигӣ беасос рад намуд, чун ки ба он замин шиносҳои раиси кумита талабгор буданд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои раиси кумитаи заминсозии ноҳия баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №2.**

Корманди кумитаи заминсозии вилоят ҳангоми қайди заминҳои корам дар нақшаи худ замини корами хешу таборашро дохил накард ва онҳо дар давоми 3 сол бе ягон андози ва патент фаъолият намуда, аз ҳосилҳои бадастомада маблағи калонро кор карда як ҳиссаи ин маблағҳоро ба ҳамон хеше, ки дар кумита замин кор мекард, туҳфа намуданд.

**Савол:**

Ба кирдорҳои корманди кумитаи замин ва хешу табораш баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №3.**

Ҳангоми аз тарафи кормандони Кумитаи андоз гузаронидани корҳои опретивӣ – ҷустуҷӯӣ дар дохили ноҳия ташкилоте маҳкам карда шуд, ки онҳо бе ягон ҳуҷҷати лозимӣ оид ба истеҳсоли маҳсулот пинҳонӣ маҳсулоти шириниро бароварда ба онҳо тамғаҳои давлатии фабрикаи Ширинии пойтахтро аз куҷое дарёфт намуда, насб карда ба мардум мефурӯхтанд.

**Савол:**

Ба фаъолияти ин ду ташкилот баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №4.**

Шаҳрванд Уроқов аз «Пивзавод»-и пойтахт бо ҳар роҳ як ҳазор адад тамғаҳои арақи «Тоҷикистонро» харидорӣ намуд. Баъд аз мағозаҳо ҳамин миқдор шишаро низ харидорӣ намуд. Хулоса, дар хонаи худ аз спирти ш. Исфара арақ тайёр намуда, бо тамғаҳои дарёфтнамудаи «Тоҷикистон» онҳоро барои фурӯш ба мағозаҳо тақсим намуда иброз медошт, ки ин араќи худсоз нест, балки аз они «Пивзавод» аст.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Уроқовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Коргарони мағоза бо супориши сардорашаон ба ҳамаи молҳо ба ҷойи тамғаи истеҳсоли Хитой, тамғаи истеҳсоли Ҷопонро насб намуда, онҳоро фурӯхтанд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои сардор ва коргарони мағзаро бандубаст кунед.

**Вазифаи №6.**

Сармураббии дастаи футболи «Спартак» ба дарвозабони дастааш 10000 сомонӣ дода талаб кард, ки ба дарвозаашон 2 голро сар диҳад.

**Савол:**

Ба ҳаркатҳои сурмураббӣ ва дарвозабон баҳои ҳуқуқӣ дихед.

**Вазифаи №7.**

Намояндаи фонди кулли сарпарасти конкурси зани зебои «Баҳор – 2009» ба ҳар як аъзои ҳакамон яктогӣ телевизори маркаи «Samsung»-ро дода хоҳиш намуд, ки байни онҳо Самадова зани зеботарин аст ва ӯро бояд дастгирӣ намоянд. Ҳамин тавр, низ шуд ва Самадова зани зеботарини «Баҳор – 2009» эълон карда шуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои намояндаи кулли сарпараст ва аъзоёни ҳакамон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №8.**

Корманди мағозаи равғанфурӯшӣ аз ҳисоби он, ки равғанро бо литр ба мизоҷон кам медод, дар давоми як моҳ 100 литр равған аз ҳисоби кам додан ба мизоҷон барои худ кор карда онро фурӯхт ва ба манфиатҳои худ истифода бурд.

**Савол:**

Ҳаркатҳои корманди мағозаро бандубаст кунед.

**Вазифаи №9.**

Соҳибкор Рустамов бе иҷозатнома ва бе патенту андозсупорӣ, инчунин бе қайди давлатӣ муддати 2 сол ба соҳибкории доруфурушӣ машғул буд.

**Савол:**

Ҳаркатҳои соҳибкор Рустамовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Рашидов муддати 1 сол истеъмолкунандагонро бо роҳҳои кам бар кашидани маҳсулот ва кам додани бақияи пул фиреб медод.

**Савол:**

Оё дар кирдори Рашидов ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад ё не?

**Вазифаи №11.**

Падари варзишгари боксчӣ Юнусов ҳангоми мусобиқа ба ҳарифи писари худ Бойбоев 5000 сомонӣ дода талаб намуд, ки дар мусобиқа мағлуб биояд. Ҳамин тавр, низ шуда писари ӯ мусобиқаро бурид ва бар ҳарифи худ ғолиб омад, аммо писараш аз суҳбати падар бо ҳарифаш ягон чизеро намедонист.

**Савол:**

Ҳаракати падари варзишгарро бандубаст кунед.

**Вазифаи №12.**

Сафаров аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир 10000 сомонӣ ба даст оварда, онҳоро барои қонунӣ гардонидан дар фаъолияти соҳибкориаш истифода намуд.

**Савол:**

Дар кирдори Сафаров таркиби кадом ҷиноят ҷой дорад?

# МАВЗӮИ 13. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.

**Адабиёт**

1. Шарифзода Ф.Р., Бухоризода Б.Р., Амрудинзода М.А., Оқилов С.Ю. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2019.
2. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГЛОБУС, 2006.

**Вазифаи №1.**

Донишҷӯи курси 3 Донишгоҳи давлатии политехникӣ Эралиев пас аз супоридани имтиҳони тестӣ баҳои 2 (ғайриқаноатбахш) гирифт. Бо мақсади омӯхтани тест аз фанни дахлдор, Эралиев бо шикастани рамзҳои компютери маркази тестии Донишгоҳи давлатии политехникӣ аз он ҷой тестҳоро дастрас намуд. Баъдан, тестҳоро омӯхта такроран имтиҳони тестиро бо баҳои 5 (аъло) супорид.

**Савол:**

Ба кирдори содирнамудаи Эралиев баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №2.**

Шафкатов ба системаи компютерии фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд ворид гардида, вақти хатсайрҳоро тағйир дод, ки дар натиҷа 10 тайёра аз парвоз боз монд ва зиёда аз 1000 нафар шахсон аз сафар ба хориҷи кишвар дар вақти муқарраргардида боз гашта, чиптаҳои худро

супорида маблағҳояшонро бозпас гирифта, аз ширкатҳои хориҷӣ чипта харидорӣ намуда, ба макони заруриашон ба воситаи фурудгоҳи давлати ҳаммарз парвоз намуданд. Дар натиҷа, ба ширкат ва фурудгоҳ зарари ҷиддӣ расонида шудаасст.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Шафкатовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Саяков бо роҳи шикастани рамзҳои иттилооти компютерии шаркати алоқаи мобилии «TceII», системаи кори ин ширкатро аз кор баровард, ки барои барқарор намудани он се рӯз сарф гардид.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Саяковро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Сешанбиев барномаи компютериеро омода намуд, ки ба воситаи он мумкин буд тамоми рамзҳои компютерҳои ҶСК «Бонки Эсхата»-ро шиканад. Ин барномаро бо мақсади фурӯхтан ба Сияраков омода кардааст.

**Савол:**

Кирдори содирнамудаи Сешанбиевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Корманди бонки марказӣ Якшанбиев, ки дар компютери ӯ барномаи марказонидашудаи ҷамъи иттилооти ҳаррӯзаи фаъолияти бокҳои кишвар буд, дар он флешкортеро ворид намуд. Ин флешкорт пур аз барномаҳои зараровар (вирус) буд. Якшанбиев флешкортро бо барномаҳои махсус (антивирус) тоза накарда, хунукназарона ба он ворид гардида якчанд маводро ба компютер нусхабардорӣ кард, ки дар натиҷа барномаҳои

компютери марказӣ пурра аз фаъолият боз монд. Барои барқарор намудани барномаи марказонидашудаи ҷамъи иттилооти ҳаррӯзаи фаъолияти бокҳои кишвар дар компютери марказӣ 2 рӯз гузашт. Дар ин муддат бонки марказӣ аз фаъолияти дурӯзаи бонкҳои кишвар ноогоҳ монд.

**Савол:**

Ба кирдори Якшанбиев баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

# МАВЗӮИ 14. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АСОСҲО СОХТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА АМНИЯТИ ДАВЛАТ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.

**Адабиёт**


1. Анашкин Г.З. Ответственность за измену родине и шпионаж. Москва, 1964.
2. Дьяков С.В., Игнатов А.А., Карпушин М.П. Ответственность за государственные преступления. М., 1982.
3. Ермаков Л.Д. Особо опасные государственные преступления. М., 1982.
4. Новоселов Г.П. Ответственность за государственные преступления. Свердловск, 1985.
5. Жильнов П.Ф. Иные государственные преступления. Москва, 1970.
6. Жевлаков Э.Н. Государственные преступления и ее квалификация. // Росс. Юстиция. №4. Москва, 2006.
7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии чумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.


**Вазифаи №1.**

Лейтинанти калон Филатов дар моҳи феврали соли 1942 ярадор шуда ба аскарони немисҳо ба асирӣ афтод. Ӯ дар натиҷаи зӯровариҳои ҷисмонӣ ба душман ҷойи истгоҳи нақлиёти ҳавоии армияи сурхро нишон дод, ки дар натиҷа душман онро бомбаборон карда садҳо аскаронро нобуд сохтанд. Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин

ҳолат танҳо 50 сол пас, яъне соли 1992 аён шуд, ки ҳамон замон Филатов зинда буд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Филатов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №2.**

Рабиев номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон одамкушони касбро кироя намуд, барои он, ки Исматовро ба қатл расонанд. Исматов низ ҳамроҳи Рабиев номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Рабиевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Шаропов бо ҳукми суди вилоятӣ барои содир кардани ҷиноят ба муҳлати 15 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд. Бародари Шаропов аз рӯи қасд, додгоҳеро, ки ҳамон вақт дар мурофия раисикунанда буд, ба қатл расонид.

**Савол:**

Ҳаракатҳои бародари Шариповро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Полковник Пирҷонаков, ки дар КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикиситон кор мекард, бар ивази 40000 доллари амрикоӣ маълумоти дорои сирри махфии соҳаи ҳарбии кишварро ба шаҳрванди хориҷӣ мефурӯшад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои полковник Пирҷонаковро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Пардаев дар заводи автомобилсозӣ, ки худ он ҷо кор мекард, бар ивази 10000 доллари амрикоӣ, ки ба ӯ шахсони хориҷӣ дода буданд, моддаи таркандаро гузошт.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Пардаевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №6.**

Корманди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони номаълуми хориҷӣ бар ивази 20000 доллари амрикоӣ маълумотҳои сирри тиббидоштаро супорид.

**Савол:**

Ҳаракатҳои корманди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Собиров, Исматов ва Расулов бар ивази 30000 доллари амрикоӣ, ки аз шаҳрванди хориҷӣ ҳамчун гарав гирифта буданд, ба миёнаи роҳи Душанбе – Хуҷанд маводи тарканда монда, роҳи ҳамворро кафониданд.

**Савол:**

Масъаларо ҳал намуда ба ҳаракатҳои Собиров, Исматов, Расулов ва шаҳрванди хориҷӣ баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №8.**

Дар назди соҳили дарёи Душанбе аз ҷониби кормандони ШВКД шаҳрванди хориҷаеро дастгир намуданд, ки мехост бо роҳи пошидани маводи заҳролудкунанда обро заҳролуд намояд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои шаҳрванди хориҷаро бандубаст кунед.

**Вазифаи №9.**

Ҳангоми тафтиш дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе шаҳрванди хориҷиеро дастгир намуданд, ки дар дохили ҷомадонаш ҳуҷҷатҳои сирри махфии давлатиро пинҳон карда буд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои шаҳрванди хориҷиро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Қаллаев, ки дар Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекард, бар ивази 3000000 сомонӣ ба шаҳрванди хориҷӣ сирри ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро медиҳад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Қаллаевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №11.**

Як гурӯҳ наврасон аз шаҳрванди хориҷӣ 100000 сомонӣ мукофотпулӣ гирифта, кӯпруки мошинроҳҳои хатсайри Душанбе – Қалъаи Хумро тарконданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои наврасон ва шаҳрванди хориҷаро бандубаст кунед.

**Вазифаи №12.**

Исматов одамкушони касбии хориҷиро кироя намуд, то ки онҳо ба ҳаёти арбоби давлатӣ Ширинбеков таҷовуз кунанд. Зархаридон арбоби давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширинбековро ба қатл расониданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Исматов ва зархаридонро бандубаст кунед.

# МАВЗӮИ 15. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МАНФИАТҲОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 31.12.2008.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25.07.2005.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 25.03.2007.

**Адабиёт**


1. Аслонов Р.М. Должностное лицо как субъект уголовной ответственности // Вестник СПБРУ №6 вылз 1994.
2. Аслахов А.А. Проблемы уголовно-правовой борьбы со взяточничеством // Гос. и право. 1993 №4.
3. Квициния А.К. Должностное преступления. М., 1992.
4. Борзенков Г.Н. Уголовно-правовые меры борьбы с коррупций // Вестник. МГУ. Сер // 1993 №1.
5. Волженкин Б.О. Взяточничество: вопросы квалификации. // Вестник СССР 1991 №3.
6. Волженкин Б.О. К вопросу о понятии должностного лица. // Сов гос. и право. 1991. №11.
7. Волженкин Б.О. Коррупция и уголовный закон // Правоведение 1991. №6.
8. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии чумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

9. Сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ. Душанбе: Ирфон, 2019, 800 с.

**Вазифаи №1.**

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаи худ суистеъмол намуда барои имзо кардани ҳуҷҷати соҳибкор Лолаев автомошинаи ӯро талаб мекунад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои вакилро бандубаст кунед.

**Вазифаи №2.**

Раиси Ҳукумати ноҳия аз соҳибкор барои иҷозат додан ба сохтмони мағоза дар дохили ноҳия талаб намуд, ки соҳибкор ҳавлии ӯро пурра таъмир карда диҳад, вагарна иҷозад намедиҳад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои раиси наҳояро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Соҳибкор Қодиров барои он, ки аз андози патент, аз барқу дигар масъалаҳо халос шавад ва мағозаи ӯ бе ягон душворию мамоният фаъолият намояд, ҳар моҳ барои сарпарастӣ ба раиси шаҳр 5000 сомонӣ ҳақ медод.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Қодиров ва Раиси шаҳр баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №4.**

Соҳибкор Азизов барои имзо кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва лозима ба раиси ноҳия хонаи 2 ҳуҷрагаро туҳфа намуд. Баъд аз он, раиси ноҳия ҳуҷҷатро имзо кард.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои соҳибкор Азизов ва раиси ноҳия баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №5.**

Раиси барқ ба шаҳрванд Ғуломов барои иҷозат додани истифодаи барқ барои нонвойхонааш аз ӯ ду адад путёовка дар осоишгоҳи Баҳористонро талаб намуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Раиси барқ баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №6.**

Корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои қатъ гардонидани парвандаи ҷиноятии Исмоилов, аз бародари ӯ 10000 сомониро талаб намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои корманди мақомоти ҳифзи ҳуқукро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Нозири назорати ҳифзи иҷтимоӣ, ки аз рафти доду гирифти нафақа назорат мекунад, ҳар моҳ ғайриқонунӣ ба нафақаи модари худ иловапулӣ менависад. Модари ӯ дар давоми 1 сол 5000 сомонӣ иловапулӣ гирифт.

**Савол:**

Ҳаракатҳои нозирро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Қумандони қисми ҳарбӣ 10 нафар аскари худро ба 2 рӯза кори сохтмони ба хонаи соҳибкор Рашидов фиристод. Пулҳои ҳаққи кори 2 рӯзаи аскаронро қумандон аз Рашидов гирифта ба манфиати худ истифода бурд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои қумандони қисми ҳарбиро бандубаст кунед.

**Вазифаи №9.**

Муовини ректор дар давоми як моҳ донишҷӯёнро аз дарс озод намуда ба хонаи ректори донишгоҳ барои корҳои сохтмонӣ фиристод.

**Савол:**

Ҳаракатҳои ректор ва муовини ӯро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Ноиби ректори донишгоҳ ҳангоми дар сафари хизматӣ будани ректор бар ивази маблағӣ муайян фармони 2 нафар донишҷӯро аз хориҷшавӣ бекор намуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои ноиби ректор баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №11.**

Сардори ШВКД барои оғоз накардани парвандаи ҷиноятӣ нисбати Бозоров аз падари ӯ 2 сар гов ва 10 сар гӯсфандро талаб намуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои сардори ШВКД баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №12.**

Донишҷӯ барои супоридани имтиҳони давлатӣ ба муаллим Раҳимов кӯшиши додани пораро кард, аммо бо аризаи муаллим Раҳимов ӯро дастгир карданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои донишҷӯро бандубаст кунед.

**Вазифаи №13.**

Дар натиҷаи ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаи худ, яъне хунукназарӣ аз ҷониби шахси мансабдор аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон мегардад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои шахси мансабдорро бандубаст кунед.

# МАВЗӮИ 16. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ТАРТИБИ ИДОРА


**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.05.2007.
5. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 01.08.1997.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 19.11.2000.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагии сафарбарӣ ва сафарбарӣ» аз 16.04.2012.

**Адабиёт**

1. Яни П. Преступления по службе закон ещё не принят, но вопросы уже появились. // Российская юстиция. 1994. №8.
2. Яни П. Кто несет ответственность за должностные преступления. // Законность 1995 №2.
3. Коржанскии Н.И. Квалификация следователем должностных преступлений. Волгоград 1986.
4. Гринберг М.С. Должностные преступления и крайняя необходимость.// Сов. гос. и право. 1989 №5.
5. Наумов А.В. Курс уголовного право РФ. Особенная часть. Т. 2. Москва, 2007.
6. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии чумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Шабона ба хонаи раиси ноҳия 3 нафар шахсони номаълум омада таҳдид карданд, ки агар ба хеши онҳо Умаров замини наздиҳавлигӣ надиҳад, он гоҳ ба фарзандони ӯ зарари ҷисмонӣ мерасонанд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои ин 3 нафар шахсон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №2.**

Ба яке аз намояндагони ҳокимят ҳангоми ҷаласа, аз ҷониби хабарнигор саволе дода шуда барои он, ки ба посухи саволаш қаноатманд нагардид, ба сӯйи ӯ ҳуҷум карда, мехост намояндаи ҳокимиятро лату кӯб намояд. Аммо, чунин амал ба хабарнигор муяассар нагардид.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои хабарнигор баҳои ҳуқуқӣ дихед.

**Вазифаи №3.**

Бегоҳирӯзӣ ба телефони хонаи муфаттиш прокуратура Шодиев занг зада, таҳдид намуданд, ки парвандаи ҷиноятии Зиёевро қатъ кунад, вагарна духтари ӯро таҷовуз ба номус мекунанд.

**Савол:**

Ба ҳалли масъала баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №4.**

Ба сардори ШВКД занг зада таҳдид намудаанд, ки Иброҳимовро аз ҳабс озод кунад, вагарна ӯро бо мошинаш метарконанд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои таҳдидкунандаро бандубаст намоянд.

**Вазифаи №5.**

Дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сарҳадчиён 2 нафар шаҳрванди Афғонистон дастгир карда шуданд, ки онҳо мехостанд ғайриқонунӣ сарҳадро гузаранд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои шаҳрвандони авғонро бандубаст кунед.

**Вазифаи №6.**

Дар хатти сарҳадии Тоҷикистону Ӯзбекистон шаҳрвандро дастгир намуданд, ки мехост бо шиносномаи шахси дигар ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои шаҳрванд баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №7.**

Шаҳрванд Ҳазаров ба дохили ҳавлии худ 10 метр кӯчаи роҳгузарро дароварда гирифт. Пас аз ҷазои маъмурӣ ӯро огоҳ карданд, ки деворҳои хонаашро ба мисли пештара 10 метр ақиб гирад, аммо ин огоҳномаи мақомоти дахлдорро аҳамият надода ҳамон хел боқӣ монд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Ҳазаровро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Шаҳрванди Тоҷикистон бар ивази 50000 сомонӣ ба шаҳрванди Афғонистон шиносномаи қалбакӣ карда ӯро ҳамчун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шиноснома муаррифӣ намуд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои шаҳрванди Тоҷикистон ва Авғонистон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №9**

2-3 нафар рафиқон бо маслиҳати пешакӣ муҳри корхонаи воҳиди Тоҷиктелмашро қалбакӣ намуда бо роҳи ҳуҷҷати мухр бо шахсони гуногуни соҳибкор шартномаҳо баста барои тайёр ва додани маҳсулот пешакӣ гарав гирифта, пас аз он ғайб заданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои 2-3 нафар рафиқонро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10**

Исоев, Пардаев ва Нуров рамзҳои давлатиро аз сутуни мактаб канда онро поймолу туф карда, бад дар гирду атрофаш суханҳои қабеҳ нависонданд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Исоев, Пардаев ва Нуров баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи№11**

Ба шаҳрванд Аббосов даъватномаро барои даъвати навбатӣ дар хизмати ҳарбӣ оварда расониданд. Аббосов бояд дар рӯз ва вақти дар даъватнома пешбинишуда ба комисириати ҳарбӣ ҳозир мешуд, аммо гурехта ба хонаи амааш ба деҳа рафт.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Аббосовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №12**

Содиқов аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ намуда мехост ба шаҳри Россия гурехта равад, аммо дар фурудгоҳ дастгир карда мешавад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои Содиқов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

# МАВЗӮИ 17. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АДОЛАТИ СУДӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон, 2019.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2018.
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумхурии Тоҷикистон» аз 26.07. 2014.

**Адабиёт**

1. Хабибулин М.Х. Ответственность за заведомо ложный и заведомо ложное показания по советскому ӯ головному праву. Казань, 1975.
2. Хабибулин М.Х. Ответственность за укрывательства преступлений и недоносительство по советскому уголовному права. Казань, 1984.
3. Наумов А.В. Курс уголовного право РФ. Особенная часть. Т. 2. Москва, 2007.
4. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии чумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.

**Вазифаи №1.**

Ба муффатиш Азимов, ки парвандаи ҷиноятиро мутобиқи моддаи 250 КҶ ҶТ - таъмаҷӯӣ бо айбдории Муҳиддинов мебурд, занг зада огоҳ карданд, ки агар ҳаёти фарзандаш ба ӯ зарур бошад, парвандаро қатъ гардонад.

**Савол:**

Ба масъала баҳои ҳуқуқӣ дода ҳаракатҳои шахсе, ки ба ӯ занг зада буд, бандубаст кунед.

**Вазифаи №2.**

Суди вилояти Хатлон нисбати судшаванда Расулов, ки бо моддаи қисми 2 банди «д» 138 КҶ ҶТ, яъне барои таҷовуз бо номуси бараъло ноболиғ гунаҳкор дониста шуда буд, ба 10 соли маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум намуд. Модари маҳкумшуда дар толори суд аз ҷой бархеста дар назди ҳамагон додгоҳро порахӯр номида, котиби судро бо алфози қабеҳ таҳқир намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои модари маҳкумшударо бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Муфаттиши ШВКД, ки ҳамсояи худро бад медид ва аз рӯи хусумати шахсӣ ӯро бо тӯҳмати ғоратгарӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои муфаттишро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4**

Қосимов, ки ба комёбиҳои рафиқи худ ғамгин мешуд ва ӯро чашми дидан надошт, барои хафа кардан ва аз рӯи қасд ба ШВКД омада дидаю дониста рафиқашро барои содир кардани ҷиноятӣ одамкушӣ гунаҳгор мекунад.

**Савол**:

Ҳаракатҳои Қосимовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Судя ҳангоми баҳси бародарон дар бораи тақсими молу мулки падар, аз яке аз онҳо мукофотпулӣ гирифта ғайриқонунӣ ва дидаю дониста ба фоидаи ӯ ҳалномаро мебарорад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои судяро бандубаст кунед.

**Вазифаи №6.**

Шодиев, ки дар яке аз парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун шоҳид мегузошт, ба даъвати муфаттиш оид ба ҳозир шудан ба суд, саркашӣ менамояд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Шодиевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Вақте, ки додгоҳ нисбати Исроилов, ки бо моддаҳои 244 ва 247 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуда ба ӯ ҳукм баровард, бародарони Исроилов дар толори судӣ судя ва машваратчиёни ӯро таҳқир карданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои бародарони Исроиловро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Муфаттиш бар ивази мукофотпулӣ тамоми далелҳои парвандаи ҷиноятиро сохтакорӣ намуда, онро дигаргун менамояд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои муфаттишро бандубаст кунед.

**Вазифаи №9.**

Прокурори ноҳия аз хешу табори айбдоршаванда Пиров 10000 доллари амрикои гирифта ӯро ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод менамояд.

**Савол:**

Ҳаракати прокурорро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Суд нисбати намояндаи ҳокимият Миров барои холӣ намудани манзили истиқоматии шаҳрванд Тошова ҳалнома мебарорад ва муҳлат муқаррар менамояд, ки дар ҳамин муҳлат намояндаи ҳокимият Миров бояд манзилро холӣ мекард, аммо Миров ба ҳалномаи суд аҳамият надода дар ин манзил зиндагӣ карданро давом медиҳад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Мировро бандубаст кунед.

**Вазифаи №11.**

Маҳкумшудагон Нуров ва Қабилов бо нақша ва маслиҳати пешакӣ аз калонияи ислоҳӣ, ки он ҷо адои ҷазо менамуданд, мегурезанд ва дере нагузашта аз дохили шаҳр дастгир мешаванд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои маҳкумшудагон Нуров ва Қабиловро бандубаст кунед.

# МАВЗӮИ 18. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13.12. 1996
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ» аз 01.03.2005.

**Адабиёт**


1. Васильев Н.В. Развитие норм об ответственности за воинские преступления в общесоюзном законодательстве. М., 1974.
2. Фатҳиддинов В. Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ. Тафсири илмию амалӣ ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007.
3. Наумов А.В. Курс уголовного право РФ. Особенная часть. Т. 3. Москва, 2008.
4. Азимов Н.Б. Сатторов Г.С., Уголовное прав. Особенная часть. Альбом – схема. Душанбе, 2006.
5. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.


**Вазифаи №1.**

Қумандони қисми ҳарбӣ аз аскарон Ибодов ва Лолаев хоҳиш намуд, ки рӯзи якшанбе ба хонаи ӯ рафта замини назди ҳавлиашро побел кунанд. Баъди побел кардани замини назди ҳавлигӣ қумандон ҳамчун чораи ҳавасмандкунӣ ба онҳо 2 рӯз иҷозат дод, ки ба хонаҳояшон раванд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои кумандон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №2.**

Сардори қисми ҳарбӣ ба сарбоз Расулов фармон дод, ки деворҳои қисми ҳарбиро рангу бор кунад, аммо хизматчии ҳарбӣ Расулов худро бемор гирифта фармони додаи сардорро иҷро накард.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои хизматчии ҳарбӣ Расулов баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №3.**

Сарбози қаторӣ Шоев барои он, ки сардори ӯ барои ба шаҳр рафтан иҷозат надод, қасди лату кӯби сардорро карда, бегоҳирӯзӣ баъди хӯрдани хӯрок сардорашро аз дохили ошхона бароварда яку якбора ба задан даромад. Сардор дар натиҷа зарари миёна ба саломатиаш бардошт.

**Савол:**

Ҳаракатҳои аскари қатора Шоевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Аскарони қаторӣ Иброҳимов ва Пиров шабона ҳангоми шикастани қулфи анбори маҳсулот аз ҷониби афсар Боқиев дастгир карда шуда мехост онҳоро ба қисми ҳарбӣ орад, аммо онҳо ба афсар Боқиев муқобилият нишондода ӯро лату кӯб намуданд.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои хизматчиёни ҳарбӣ Иброҳимов ва Пиров баҳои ҳуқукӣ диҳед.

**Вазифаи №5.**

Сардори қисми ҳарбӣ бегоҳирӯзӣ оинаи нилгунро аз сабаби хира нишон додани намоиш тамошо карда натавонист. Баъд ӯ хизматчии ҳарбӣ Давлатовро даъват карда хоҳиш кард, ки ба болои бом баромада антенаро таъмир кунад. Аввал хизматчии ҳарбӣ Давлатов ин корро рад кард ва баъди оне, ки аз ҷониби сардор лату кӯб карда шуд, баромада антенаро таъмир намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои сардори қисми ҳарбиро бандубаст кунед.

**Вазифаи №6.**

Сарбози қаторӣ Убайдов, ки дар рухсатӣ ба хона рафта буд, нияти ба қисми ҳарбӣ бар нагаштанро карда ба қисми ҳарбӣ занг мезанад, ки бо сабиби бемор будани модараш ба қисми ҳарбӣ ҳозир шуда наметавонад. Худ низ ба деҳаи дигар ба назди хешовандонаш рафт.

**Савол:**

Ҳаракатҳои аскар Убайдовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Хизматчии ҳарбӣ Ватанов, ки назди амбори хӯрокаи қисми ҳарбӣ посбонӣ мекард, худсарона постро партофта ба гармшавӣ меравад. Аз фурсати он, ки амбори хӯрока посбон надорад, 2 нафар шахсони номаълум ба амбор даромада амволи ҳарбиро гирифта мебаранд.

**Савол:.**

Ҳаракатҳои хизматчии ҳарбӣ Ватановро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Сержант Бобоевро шаби соли нав барои посбонии қисми низомӣ қаровул таъин карданд. Сержант Бобоев

баъди як соати қаровулӣ аскари қаторӣ Юсуповро даъват намуда бо роҳи зӯроварӣ ва таҳдидҳои гуногун постро ба ӯ супорида худаш меравад.

**Савол**:

Ба ҳаракатҳои сержант Бобоев баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №9.**

Хизматчии ҳарбӣ Содиқов, ки бо силоҳ дар пост истода қаровулӣ мекард, шабона бо мақсади саркашӣ аз адои хизмати ҳарбӣ аз қисми ҳарбӣ худсарона баромада меравад ва пас намегардад.

**Савол:**

Дар кирдори Содиқов кадом аломати таркиби ҷиноят ҷой дорад.

**Вазифаи №10.**

Хизматчии ҳарбӣ Тӯрақулов дар вазъияти ҷангӣ аз рӯи тарсончакӣ ва беҷуръатӣ бо ихтиёри худ ба душман таслим мешавад.

**Савол:**

Ҳаракатҳои хизматчии ҳарбӣ Тӯрақуловро бандубаст кунед.

**Вазифаи №11.**

Ҷонишини сардори қисми ҳарбӣ вазифаҳои хизматии худро оид ба бехатарӣ дар қисми ҳарбӣ ба таври номатлуб иҷро карда муносибати хунукназарона ба хизмат зоҳир менамояд, ки ба қисми ҳарбӣ боиси расонидани зарар ба миқдори калон мегардад.

**Савол:**

Ба ҳаракатҳои ҷонишини сардори қисми ҳарбӣ баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Вазифаи №12**

Сафаров баъди хатми донишгоҳ ба сафи хизмати ҳарбӣ даъват мешавад. Пас аз адои хизмат, барои харидани сигор ва нос, ки истеъмол мекард, либосҳои ҳарбиашро фурӯхт.

**Савол:**

Ба кирдори Сафаров баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

# МАВЗӮИ 19. ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ СУЛҲУ АМНИЯТИ ИНСОНИЯТ


**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ГРАФИКА, 2019.

**Адабиёт**

1. Лукащук В. Наумов А.В. Международное уголовное право. Москва 1999.
2. Рыбаков Ю.М. Вооруженная агрессия– тягчайшее вооруженное преступление. М. 1980.
3. Международное уголовное право. // Под.ред. акад. Кудряцева В.Н. Москва 1995.
4. Вдовин А.Е. Имплементация норм международного права. А УКРФ. Москва, 2002.
5. Раҷабов С. Имплементация норм международно-гуманитарного права в национальное законодательства РТ. Душанбе, 2008.
6. Понов В.П. Международное уголовное право Москва, 1997.
7. Бобоев У.Х. Масоили ҷавобгарии инфиродӣ ва санксияҳои ҷиноятӣ. Дар низомҳои ҳарбии характери ғарибайналхалқидошта // 10-соли амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: натиҷа ва пешниҳод. С. 105-108.
8. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус, 2006.


**Вазифаи №1.**

Каримов аъзои ҳизби таҳрир дар давоми 2 сол варақаҳои зидди давлатӣ, ки мардумро ба мубориза бар зидди ҳукумат барои озодӣ ва барангехтани кинову

адоват ба ҳукумат даъват мекард, чоп намуда ба ҳамагон тақсим мекард.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Каримовро бандубаст кунед.

**Вазифаи №2.**

Баъди анҷоми бозии футбол, тарафдорони дастаи Помир аз бохти он ба ғазаб омада дар кӯчаҳо тамоми истгоҳҳо, мағозаҳо ва автомобилҳои истодаро зада шикастанд. Ҳангоми аз назди бинои СММ гузоштан, герб ва байрақи онро канда шишаҳои ин биноро бо санг зада шикастанд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои онҳоро бандубаст кунед.

**Вазифаи №3.**

Ду-се нафар намояндагони ҳокимият дар оинаи нилгун баромад карда мардуми кишварро барои сар кардани ҷанги таҷовузкорона даъват намуданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои ин шахсонро бандубаст кунед.

**Вазифаи №4.**

Ҳангоми чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯии РМЗҶММ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ шахсони хориҷиеро дастгир карда аз онҳо силоҳҳои зарароварро мусодира намуданд. Маълум гардид, ки шахсони хориҷӣ ин силоҳҳоро бо мақсади несту нобуд кардани як қисми мардуми тоҷикистон дарёфт намуда, онҳоро мехостанд рӯзҳои наздик истифода баранд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои шаҳрвандони хориҷиро бандубаст кунед.

**Вазифаи №5.**

Шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ҷамъи маълумотҳои сирри махфии давлатӣ омада, мехост онҳоро бо мақсади пурра қир кардани миллати тоҷик ва зӯроварона монеъ шудан ба насли оянлдаи тоҷик, истифода барад. Ин кор ба ӯ муяссар нагардид ва хушбахтона ӯро бо тезӣ дастгир карданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои шаҳрвандони хориҷиро бандубаст кунед.

**Вазифаи №6.**

Як гурӯҳ ноболиғон ба намояндаи ташкилоти байналхалқии тахти ҳимояи байналхалқӣ қарордошта ҳуҷум карда ба саломатии ӯ зарари вазнин расониданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои ноболиғонро бандубаст кунед.

**Вазифаи №7.**

Ҳангоми гузаронидани фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯи аз ҷониби ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд Қосимов ва шаҳрвандони хориҷӣ Лопес ва Андерсон дастгир карда шуданд. Аз дохили автомошинаи онҳо варақаҳоеро мусодира намудаанд, ки дар онҳо нақши тайёр ва бурдани ҷанги таҷовузкорона ба қайд гирифта шуда буд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Қосимов, Лопес ва Андерсонро бандубаст кунед.

**Вазифаи №8.**

Як гурӯҳ шахсоне, ки бо сиёсати давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон розӣ набуданд, аз хориҷи кишвар 100 нафар зархаридони касбиро бо мақсади истифодаи онҳо бар муқобили ҳукумат ҷалб намуданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои гурӯҳи шахсони мухолифинро бандубаст кунед.

**Вазифаи №9.**

Ҳангоми гузаронидани амалиётҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ аз ҷониби ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон Боқиев ва Журавлев дастгир карда шуданд, ки онҳо бо нияти ғаразнок мехостанд бо мақсади несту нобуд кардани набототу ҳайвонот маводи заҳролудкунандаро паҳн кунанд. Маводҳо мусодира карда шуданд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Боқиев ва Журавлевро бандубаст кунед.

**Вазифаи №10.**

Муродов бо истифода аз мақоми хизматиаш 50 нафар зархаридонро бо мақсади истифодаи онҳо дар амалиёти ҷангӣ ҷалб намуд.

**Савол:**

Ҳаракатҳои Муродовро бандубаст кунед.

Барои қайдҳо

*Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ*
*Азимзода Назир Бозор*
*Авизова Шаҳноза Неъматуллоевна*

# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

**ҚИСМИ МАХСУС**

**МАҶМӮАИ МАСЪАЛАҲО**

(воситаи таълимӣ)

Ба чоп 26.09.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84$^1/_{16}$. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 6,5.
Теъдоди нашр 100 нусха.

ҶДММ "Графика-83".
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.